# ҲУМОЮН БОД, ИСТИҚЛОЛИ ТОҶИК!


*ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД*

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 13-14 (155-156) 8-УМИ СЕНТЯБРИ СОЛИ 2021, ЧОРШАНБЕ





**Истиқлолият муқаддастарину азизтарин неъмат, рамзи саодат ва асолати миллат, шарафу номуси ватандорӣ ва нишонаи пойдориву бақои давлат мебошад.**

**Истиқлолияти давлатӣ, инчунин, ҳувияти миллии мардуми тоҷикро ба зинаи комилан нав бардошт ва барои тақвияту густариш пайдо кардани ваҳдати тамоми сокинони Тоҷикистон заминаи пойдор фароҳам овард.**

**Истиқлолият рамзи соҳибдавлатӣ ва ватандории миллати сарбаланду мутамаддини тоҷик мебошад, ки номаи тақдирашро бо дасти хеш менависад, яъне низоми давлатдорӣ ва сиёсати дохиливу хориҷии худро мустақилона муайян менамояд.**

**Истиқлолият нишонаи ҳувият ва озодӣ, ифтихор ва номус, рамзи саодат ва шарти бақои миллати соҳибихтиёру соҳибдавлати тоҷик мебошад.**

**Бигзор, азму иродаи шикастнопазир ва неруи офарандаи халқамон моро ба сӯи кору пайкорҳои созанда ва фатҳу нусратҳои тоза ҳидоят намояд. Бигзор, парчами пурҷило ва нурафшони истиқлолият дар дилу дидаи ҳар як сокини Тоҷикистон меҳри Ватанро афзунтар намояд ва бар фарози сарзамини аҷдодиамон то абад парафшон бошад!**

**Эмомалӣ РАҲМОН**

Соли равон аз замони ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ватани азизамон, ки аз арзишмандтарин дастовард, бузургтарин неъмат ва беназиртарин сарвати миллати сарбаланду тамаддунофар ва фарҳангсолори тоҷик дар интиҳои садсолаи гузашта маҳсуб меёбад, 30 сол пур мешавад. Рӯзи 9-уми сентябри соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон расман Истиқлолияти давлатии худро эълон намуд, ки ин санаи муқаддас дар таърихи навини рушди давлатдории миллӣ абадан бо ҳарфҳои заррин ҳаккокӣ хоҳад шуд.

Бо қаноатмандӣ ва шукргузорӣ изҳор медорем, ки дар дарозои сӣ соли сипаришуда Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати демокративу ҳуқуқбунёд роҳи пуршебу фароз ва басо пурифтихореро тай намуда, сокинони сарбаланду меҳнатқарин, ватандӯсту ободкори кишвар бо дастгирӣ ва пуштибонии амиқ аз сиёсати ҳадафмандонаву бобарор ва дурбинонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба дастовардҳои бузурги меҳнатӣ ва истеҳсолӣ ноил гаштаанд.

Бо шукргузорӣ аз самараву баракати Истиқлоли давлатӣ, дар натиҷаи ибтикороти пайвастаи Ҳукумати мамлакат дар роҳи эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд, таҳкими давлатдории миллӣ, таъмини шароити зиндагонии арзандаи сокинони кишвар, сулҳу ваҳдати комил, боло бурдани сатҳи некуаҳволии мардум, таъмини рушди устувори соҳаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ, амалишавии ҳадафҳои стратегии кишвар, бунёди ҷомеаи адолатпарвар ва боло бурдани мақому манзалати Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ корҳои бузург амалӣ шуда истодаанд.

Моро зарур аст, ки бо дарназардошти вазъи мураккаби ҷамъиятию сиёсии ҷомеаи ҷаҳонӣ, таъсири паёмадҳои ногувори равандҳои ҷаҳонишавӣ ва таҳаввулотҳои босуръат тағйирёбандаи замони муосир беш аз ҳар вақти дигар атрофи сиёсати бобарори Пешвои муаззами миллат муттаҳид гашта, ҷиҳати таҷлили сазовори бузургтарин ҷашнвораи миллӣ – 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боз ҳам ободу пешрафта гардонидани он самаранок меҳнат кунем ва ба корҳои созандагиву бунёдкорӣ рӯй биёрем.

Дар ин лаҳзаҳои фараҳбахш устодону кормандон ва донишҷӯёни факултет, инчунин мардуми шарафманди тоҷикро ба ифтихори таҷлили ҷашни бошукӯҳи 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрик намуда, орзуи саломативу сарбаландӣ ва пирӯзиву комёбии онҳоро карда, таманнои онро дорем, ки дар Тоҷикистони азиз сулҳу суботи ҳамешагӣ пойбарҷо бимонад.

**Пояндаву ҷовидон бод, Тоҷикистони азиз!**

**Декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек**

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**Муассис:**
Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

**Сармуҳаррир:**
Эмомалӣ МИРАЛӢ
www.law.tnu.tj@gmail.com

**Муовини сармуҳаррир:**
Ҳамза БОБОХОНЗОДА
**Муҳаррир:**
**Некрӯз САФАРЗОДА**
**Тарроҳ:**
Акмал Шарипов

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Раҳмон Д.С.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.**
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Абдуллоев П.С.**
муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ;
**Сулаймонов Ф.С.**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ.

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Насриддинзода Э.С.**
Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, узви вобастаи АМИ ҶТ;
**Ватанзода М.М.**
Муовини аввали раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ.
**Имомзода М.С.**
Вазири маориф ва илми ҶТ, академики АМИ ҶТ.
**Хушвахтзода Қ.Х.**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори ДМТ,
**Тоҳиров Ф.Т.**
академики АМИ ҶТ
**Маҳмудзода М.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, академики АМИ ҶТ.
**Раҳимзода М.З.**
профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АМИ ҶТ.

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳамаи андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: (+992) 907-67-20-20
(+992) 939-25-98-28
Теъдод: 1000
Навбатдори шумора:
**Миралӣ Собир**

# ЭМОМАЛӢ РАҲМОН – ЯКЕ АЗ БУНЁДГУЗОРОНИ СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ





Таърихи 3-юми июли соли 2021 бо ташаббуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба 20-солагии Созмони Ҳамкории Шанхай конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзӯи “Эмомалӣ Раҳмон – яке аз бунёдгузорони Созмони Ҳамкории Шанхай” баргузор гардид. Дар конференсияи мазкур беш аз 300 нафар олимони донишгоҳ, кормандони мақомоти давлатӣ ва намояндагони давлатҳои Созмони Ҳамкории Шанхай ширкат намуданд.

Конференсияи мазкурро ректори ДМТ, профессор Хушвахтзода Қ.Х. ҳусни оғоз бахшида, сипас вазири маориф ва илми ҶТ академик Имомзода М.С., сафирони кишварҳои узви Созмони Ҳамкории Шанхай ва дигар



шасони дахлдор баромад намуданд.

Баъдан аз рӯи барнома баромадкунандагон дар мавзӯъҳои мухталиф, аз қабили “Нақши Созмони ҳамкории Шанхай дар такмили қонунгузории ҶТ дар муқовимат бо терроризм, экстремизм ва сепаратизм”, “Мушкилот ва дурнамои рушди ҳамкории гуманитарӣ дар доираи СҲШ (нигоҳ аз Душанбе)”, “ҶТ ҳамчун пешоҳанги муқовимат ба терроризм, экстремизм ва сепоратизм дар доираи кишварҳои аъзои СҲШ”, “Масоили васеъ намудани СҲШ: мавқеи Душанбе” ва ғ. баромад намуданд.

Дар фарҷом, изҳори умед карда шуд, ки натиҷаҳои кори конференсия барои рушди қонунгузории ҶТ дар самти муқовимат ба терроризм, экстремизм ва сепоратизм нақшгузор хоҳад буд.

**Таҳияи**
**Эмомалӣ МИРАЛӢ**

# МАРОСИМИ СУПОРИДАНИ ДИПЛОМҲОИ АЪЛО БА ХАТМКУНАНДАГОНИ ФАКУЛТЕТ

Ҳамасола дар толори барҳавои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз ҷониби роҳбарияти донишгоҳ ва деканҳои факултетҳо маросими супоридани дипломҳои аъло ба хатмкунандагон баргузор мегардад. Имсол низ санаи 6-уми июл ба 232 нафар хатмкунандагон дипломҳои аъло супорида шуд, ки аз ин шумора 65 нафарашонро хатмкунандагони факултети ҳуқуқшиносӣ ташкил медоданд.

Чорабинӣ бо иштироки доираи васеи ҳам хатмкунандон ва ҳам наздикону пайвандони онҳо баргузор гардид.

Маросими мазкурро ректори ДМТ муҳтарам Хушвахтзода Қ.Х. ҳусни оғоз бахшида, саравал қудуми ҳар яки онҳоро хайрамақдам гуфт ва хатмкунандагонро барои сазовор шудан ба ин дастовард табрику шодбош намуда, ба онҳо дар фаъолияти минбаъдаашон барору комёбиҳои беназирро орзу намуд.

Сипас, аз ҷониби ректори донишгоҳ, профессор Хушвахтзода Қ.Х. ва декани факултети ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. ба хатмкунандагони факултет дипломҳои аъло супорида шуд.

Изҳори боварӣ гардид, ки хатмкунандагон бо гирифтани дипломи аъло барои пешрафту шукуфоии Ватани маҳбубамон хизмат хоҳанд намуд.

**Таҳияи**
**Азимҷон ҶУРАЕВ**



# 30 СОЛИ ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА РУШДИ НИЗОМИ ҲУҚУҚӢ



Санаи 6 сентябри соли равон бо ибтикори факултети ҳуқуқшиносии ДМТ конференсияи ҷумҳуриявии илмиву амалӣ дар мавзӯи «30 соли Истиқлоли давлатӣ ва рушди низоми ҳуқуқии Тоҷикистон» баргузор гардид.

Ҷаласаро бо сухани ифтитоҳӣ декани факултети ҳуқуқшиносӣ, д.и.ҳ., профессор Раҳмон Д.С. ҳусни оғоз бахшида, оид ба зарурат ва аҳамияти баргузории конференсияи мазкур изҳори назар намуданд. Мавсуф иброз кард, ки Истиқлол барои миллати куҳанбунёди мо бузургтарин дастоварди замон маҳсуб меёбад. Махсусан, дар шароити кунунӣ, ки таҳдидҳои глобалӣ ҷаҳонро такон медиҳанд, нигоҳ доштани фазои суботу оромӣ амали муқаддас ба ҳисоб меравад.

Ҳамчунин дар конференсия рӯнамоии монографияи тозанашр зери унвони «30 соли Истиқлоли давлатӣ ва рушди



низоми ҳуқуқии Тоҷикистон», ки бахшида ба ҷашни миллӣ – 30-солагии Истиқлолияти давлатии ҶТ аз ҷониби устодони факултет омода гардида буд, сурат гирифт. Сипас, аз рӯйи барномаи таҳиягардида, маърӯзаҳои устодон дар мавзӯъҳои «Истиқлолият – заминаи сиёсӣ-ҳуқуқии ташаккулёбии давлат», «Соҳибихтиёрии давлатӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ» ва ғ. шунида шуд.

Дар маҷмӯъ, таъкид карда шуд, ки Истиқлол ин сармояи бебадал ва беназири миллат буда, барои ҳар фарди кишвар бояд азизу муътабар бошад.

**Таҳияи**
**Миралӣ СОБИР**



# ПАРАДИ ҲАРБӢ БА МУНОСИБАТИ 30-ЮМИН СОЛГАРДИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ





**7 сентябри соли 2021 ба муносибати таҷлили 30-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, генерали артиш, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар майдони Дӯстии шаҳри Душанбе паради ҳарбӣ баргузор гардид.**



Таҷлили ҷашни муқаддас бо расми гузашти 30 ҳазор нафар хизматчии ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, ҳайати шахсии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва афсарону сарбозони захираҳои сафарбарӣ, яъне муҳофизони истиқлоли Ватан, марзу буми давлати соҳибихтиёр ва ҳомиёни қонунияту тартибот дар фазои тантанавӣ оғоз гардид.

Маросими бошукӯҳи ҷашнӣ, бо ворид намудани Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба майдони баргузории чорабинӣ оғоз гардид.

Сипас, ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, генерали артиш мухтарам Эмомалӣ Раҳмон вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-полковник Шералӣ Мирзо оид ба омодагии қисму воҳидҳои харбӣ, ба гузашти низомӣ гузориш дод.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бо арзи салом ба ҳайати шахсӣ онҳоро бо ҷашни бошукуҳи 30-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик намуданд.

Сарвари давлат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки мо бо хизмати софдилонаву ватандӯстонаи низомиёни кишвар, яъне фарзандони далеру часур ва ғаюру шуҷои миллат ифтихор мекунем.

Баъд аз анҷоми суханронии Сарвари давлат ва зимни иҷрои Суруди миллӣ дар як вақт аз тупҳо 30 шиллик парронда шуд.

Сипас, бо амри фармондеҳи парад гузашти низомии 30 ҳазор нафар ҳайати шахсии қисму воҳидҳои харбии Қувваҳои Мусаллаҳ, чузъу томхои сохторҳои қудратӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар ва ҳайати захираҳои сафарбарӣ шуруъ гардид.

Бояд қайд намуд, ки дар паради мазкур аз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон худуди 1500 нафар иштирок намуданд, ки аз ин шумора худуди 250 нафарашонро устодону донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ ташкил медиҳад

Таҷлили 30-юмин солгарди Истиқлоли давлатӣ, барои ҳар як фарди ватандору ватандӯст, хештаншиносу меҳанпараст ва ҷонибдори сулҳу оромӣ ҷашни муқаддас ва фаромӯшнопазир аст.

**Таҳияи**
**Некрӯз САФАРЗОДА**

# ДИФОИ РИСОЛАИ ИЛМӢ

Барои устодон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ҷои ифтихор ва шарафмандист, ки солҳои охир дар факултет сафи устодони унвондор меафзояд. Устодони факултет бо дарки масъулияти баланди касбӣ рисолаҳои илмии худро сарбаландона ҳимоя намуда, хазинаи илмии факултетро пурғановат менамоянд.

Аз ҷумла, санаи 27-уми августи соли 2021 ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ Наимов Бобочон Ғоибович рисолаи номзадии худро дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқӣ-маъмурии низоми иҷозатдиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” сарбаландона дифоъ намуд.

Аз ин рӯ, садорати факултети ҳуқуқшиносӣ ва ҳайати устодону кормандони ин даргоҳ Наимов Б.Ғ-ро бо ин дастовардаш самимона табрик намуда, ба эшон камолоти муваффақона ва бурдбориҳои беназирро дар соҳаи илм таманно менамоянд.



# САҲИФАҲОИ ДУРАХШОНИ ҲАЁТИ ҲУҚУҚИИ КИШВАР



Изатулло МАҲМУДОВ
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ
ва назорати прокурорӣ, дотсент

Бо амри таърих миллати сарбаланду тамаддунофар ва фарҳангсолору бунёдкори тоҷик дар интиҳои садсолаи гузашта рӯзи 9-уми сентябри соли 1991 арзишмандтарин дастовард, бузургтарин неъмат ва беназиртарин сарват – Истиқлолияти давлатиро ба даст овард, ки ин санаи муқаддас дар таърихи навини рушди давлатдории миллӣ абадан бо ҳарфҳои заррин хаккокӣ хоҳад шуд.

Бо қаноатмандӣ изҳор медорем, ки дар дарозои сий соли сипаришуда ҶТ ҳамчун давлати демокративу ҳуқуқбунёд роҳи пуршебу фароз ва басо пурифтихореро тай намуда, сокинони сарбаланду меҳнатқарин, ватандӯсту ободкори кишвар бо дастгирӣ ва пуштибонии амиқ аз сиёсати ҳадафмандонаву бобарор ва дурбинонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба дастовардҳои бузурги меҳнатӣ ва истеҳсолӣ ноил гаштаанд. Бо шарофати Истиқлолият давоми се даҳсолаи охир дар тамоми самтҳои фаъолияти давлатӣ ва ҷамъиятии кишвари маҳбубамон таҳаввулотҳои азим ва дигаргуниҳои куллӣ ба вуқӯъ пайваста, дар самти пешрафти ҳама соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат як ҷаҳиши бузург ба миён омад.

Дар замони соҳибистиқлолии давлатӣ дар ҳаёти ҳуқуқии кишвар дастовардҳои азим ба вуқӯъ пайвастанд. Бо вуҷуди гуногунрангӣ ва сершумории комёбиву музаффариятҳо, ба назари мо бузургтарин дастовардҳои ҳаёти ҳуқуқии ҷомеаи тоҷикон дар даврони истиқлол инҳо ба ҳисоб мераванд:

## 1. ЭЪЛОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

Ёдрас мешавем, ки дар асоси Эъломияи соҳибистиқлолии ҶТ аз 24-августи соли 1990 ва Изҳороти Шӯрои Олии ҶТ дар бораи Истиқлолияти давлатии ҶТ дар иҷлосияи ғайринавбатии Шурои Олӣ, даъвати дувоздаҳум бо Қарори Шурои Олии ҶТ аз 9 сентябри соли 1991, №392 Истиқлолияти давлатии ҶТ эълон гардид. Истиқлолияти давлатӣ ҳамчун воқеаи фараҳбахши таърихӣ ва ҳодисаи муҳиму сарнавиштсоз ба тоҷикон озодиву соҳибистиқлолиро ҳадя намуда, боис гардид, ки дар харитаи сиёсии ҷаҳон давлати нав бо номи Тоҷикистон бо тамоми унсурҳои давлатдории миллӣ арзи ҳастӣ намояд ва ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ҷониби давлатҳо ва созмону ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ расман шинохта шавад. Гузашта аз ин, ин санади сарнавиштсози таърихӣ барои бунёду эъмори давлатдории миллӣ, интихоби шакли сохти давлатӣ, идоракунии давлатӣ, режими сиёсӣ ва мустақилона ба роҳ ба роҳ мондани сиёсати дохиливу хориҷии кишвар заминаҳои муносиби ҳуқуқӣ ва ташкилиро фароҳам овард.

## 2.БАРГУЗОРИИ ИҶЛОСИЯИ ТАЪРИХИИ XVI-УМИ ШӮРОИ ОЛӢ

Ҳодисаву воқеаҳо ва тағйироту таҳаввулотҳои босуръати солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ мардуми тоҷикро дар роҳи ҳифзу нигаҳдошти ин сарвати бебаҳо ва душвориву мушкилиҳои сангин мувоҷеҳ кард. Оқибат Тоҷикистон ба коми оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд. Вазъияти баамаломада зарурати оҷилан андешидани тадбирҳои заруриро ҷиҳати хомӯш кардани ҷанги шаҳрвандӣ, ба ҳам овардани миллати пароканда, таъмини оромию субот ва ба суйи ҳаёти муътадил раҳнамун кардани мардуми тоҷикро такозо менамуд. Дар ҳамин ҳол, баргузории иҷлосияи тақдирсози 16-уми Шӯрои Олии ҶТ моҳи ноябри соли 1992 дар шаҳри бостонии Хуҷанд аз дигар дастовардҳои беназири халқи тоҷик дар оғози солҳои соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб меравад. Ин иҷлосия заминаҳои мусоиди ҳуқуқиву сиёсиро барои таъсиси ҳукумати конститутсионӣ, расидан ба сулҳу субот, ба вуқӯъ пайвастани дигаргунӣ ва пешравиҳои азимро дар ҷомеаи тоҷикистон фароҳам оварда, дар қалби ҳар як тоҷику Тоҷикистонӣ шӯълаи умедро ба сӯйи фардои неки давлатдории миллӣ, таъмини рӯзгори босаодату пурнишоти мардуми кишвар фурӯзон намуд.

Дар ҳамин иҷлосия даҳҳо қарору санадҳои ҳуқуқии таърихие қабул карда шуданд, ки барои эҳёи давлатдории миллӣ, ҳалли низоъи дохилии тоҷикон ва хомӯш кардани алангаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ мусоидат намуданд. Бузургтарин дастоварди ин иҷлосияи тақдирсоз он буд, ки ба бахти миллионҳо нафар тоҷикони рӯйи олам бо амри Парвардигор фарзанди бонангу номус, қавииродаву ватандӯст, далеру ҷасур, покзамиру некисиришт ва ғурури баланди миллидошта Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун Сарвари давлат тавлид намуд. Ин фарзанди фарзонаи миллат ҷон дар каф бо як далериву ҷасорати бемисл масъулияти баланди роҳбариро ба дӯш гирифта ба наҷоти миллату давлати тоҷикон бархост.

## 3. ҚАБУЛИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

6-уми ноябри соли 1994 бори нахуст аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ бо дастгирии аксарияти шаҳрвандони кишвар Конститутсияи ҶТ қабул гардид, ки қабули он низ аз дастовардҳои бузурги ҶТ дар даврони соҳибистиқлолии давлатӣ махсуб меёбад. Зеро Конститутсияи кишвар дурнамои пешрафти Тоҷикистонро ҳамчун давлати демокративу ҳуқуқбунёд муайян карда, тамоми орзуву ормон ва ҳуввияти озодихоҳиву озодиандешии мардуми тоҷикро дар худ ифода намуда, барои пойдории ҳокимияти конститутсионӣ, таҳкими рукнҳои давлатдорӣ, ноил гардидан ба пешравиҳои бузурги сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва муҳайё намудани шароити арзандаи зиндагонии босаодати ҳар фард заминаи мусоидро фароҳам овард.



## 4. БА ИМЗО РАСИДАНИ СОЗИШНОМАИ ИСТИҚРОРИ СУЛҲ ВА РИЗОИЯТИ МИЛЛӢ

Барои амалисозии шоҳкориҳои азим, ислоҳотҳои иқтисодиву иҷтимоии таъминкунандаи зиндагонии арзандаи сокинони мамлакат ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои муфиди байналмилалӣ ҷанги шаҳрвандӣ монеаҳои ҷиддӣ эҷод мекард. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи роҳбарияти давлату ҳукумати мамлакатро дар он шабу рӯз харҷи тезтар хомӯш кардани ҷанги шаҳрвандӣ, ба ҳам овардани миллати тоҷик ва рӯй овардан ба корҳои созандагию бунёдкорӣ ташкил медод. Дар робита ба ин масъала яке аз саҳифаҳои муҳиму дурахшони таърихи навини давлати ҷавони Тоҷикистонро ин ба имзо расонидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ташкил медиҳад. Пас аз баргузории чандин даври музокирот ва гуфтушуниди сулҳи тоҷикон дар шаҳрҳои Алмаато, Ашқобод, Бишкек, Исломобод, Кобул, Машҳад, Москва, Теҳрон ва Ҳусдеҳи Афғонистон миёни намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди нерӯҳои мухолифини тоҷик таҳти сарпарастии нозирони байналмилалӣ 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия созишномаи мазкур ба имзо расонида шуд. Воқеаи санаи 27 июни соли 1997 дар таърихи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол абадан бо ҳарфҳои заррин сабт хоҳад шуд. Ба имзо расидани созишномаи мазкур як гардиши куллиеро дар роҳи расидан ба ваҳдати сартосарӣ, таъмини сулҳи деринтизор ва амалисозии ислоҳотҳои низоми давлатдорӣ рӯйи кор овард.

## 5. АМАЛИСОЗИИ ИСЛОҲОТИ КОНСТИТУТСИОНӢ

Бо дарназардошти зарурат ва ба талаботи рушди замон мувофиқ гардонидани воқеияти ҳаёти ҳуқуқӣ дар ҶТ давоми солҳои соҳибистиқлолии давлатӣ ислоҳоти конститутсионӣ амалӣ карда шуда, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд. Аз ҷумла, 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи гузаронидани раъйпурсии умумихалқӣ ба Конститутсияи ҶТ тағйироту иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд. Тағйиру иловаҳои ворид карда шуда, барои ҳифзи манфиатҳои миллат, давлати тоҷикон ва таъмину амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд шароитҳои арзандаро ба миён оварданд. Мазмуну моҳияти тағйироту иловаҳоро ба Қонуни асосии кишвар, пеш аз ҳама таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ; таъмини рушди бемайлони соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа; баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагониии мардум; мусоидат намудан ба рушди минбаъдаи равандҳои демократикунонии ҳаёти ҷомеа, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва кафолати риояи ҳифзи онҳо; таҳкиму такмили асосҳои конститутсионии ҳокимияти давлатӣ, рукнҳои асосии он, мукаммалу самаранок гардонидани низоми мақомоти давлатӣ; мутобиқ гардонидани матни Конститутсия ба қоидаҳои нави имлои забони тоҷикӣ ва истилоҳу меъёрҳои санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ташкил медоданд.

## 6. ИСЛОҲОТИ СУДӢ-ҲУҚУҚӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Дар заминаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Паёмҳои

# ДАР МАСИРИ 30 СОЛИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири таҳким бахшидан ба фаъолияти минбаъдаи ҳокимияти судӣ, баланд бардоштани нақш ва мавқеи он дар ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, таъмини ҳамаҷонибаи қонунияту адолат бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2007, таҳти № 271 «Барномаиислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2007-2010»; аз 3 январи соли 2011, таҳти № 976 «Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2011-2013»; аз 5-уми январи соли 2015, таҳти № 327 "Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017" ва аз 19 апрели соли 2019, № 1242 «Барномаи нави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар ҶТ барои солҳои 2019-2021» тасдиқ ва ба мавқеи иҷро вогузор карда шуданд. Амалишавии барномаҳои мазкур барои таъмини мустақилиятии судяҳо, такмили низоми судӣ ва боло бурдани нуфузу эътибори ҳокимияти судӣ дар ҷомеа, ҳамчун ниҳоди ҷомеаи демократӣ мусоидат намуданд.

### 7. ТАКМИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ҲУҚУҚЭҶОДКУНӢ

Дар замони Истиқлоли давлатӣ фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии мақомоти масъули давлатӣ низ бо дарназардошти рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, мувофиқ гардонидани дигаргуниҳо ба набзи ҷомеа густариш ёфта, дар ин миён садҳо қонунҳое қабул шудаанд, ки барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ, дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ, таъмини ваҳдати миллӣ, зиндагонии арзанда ва пурнишоти сокинони кишвар ва боло бурдани нуфузу эътибори Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мусоидат намуда, ҷиҳати ба по мондани низоми нави ҳуқуқии кишвар шароит фароҳам оварданд. Аз ҷумла, назар ба андешаи донишмандони соҳа аз сарчашмаҳои боэътимод имрӯз низоми мустақили ҳуқуқии мамлакатро Конститутсияи кишвар, 17 қонуни конститутсионӣ, 23 кодекс, 16 қонуни авф, 22 қонуни буҷет, 17 санадҳои ҳуқуқии байналмилалии бисёрҷониба, 4 санади ҳамкории иқтисодии Авруосиё, 30 санади ҳуқуқии байналмилалии дуҷониба, 313 қонунҳои соҳавӣ ва зиёда аз 17 ҳазор қарорҳои Ҳукумат дар бар мегиранд.

### 8. ҚАБУЛИ ҚОНУНҲОИ МИЛЛӢ

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони Истиқлоли давлатӣ бо дарназардошти рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва эҳтиёҷоти ҷомеа қонунҳое таҳия ва қабул карда шуданд, ки қаблан дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунии кишвар назир надошта, онҳо маҳсули тафаккур ва шуури миллианд. Ба мисоли ин қонунҳои миллӣ, метавон Қонунҳои ҶТ "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" ва Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат"-ро ном бурд.

Ба тасвиб расидани Қонуни ҶТ "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар ҶТ" дар ҳаёти халқи тоҷик таҳаввулоти ҷиддиро ба миён овард, ки ҳадафи он пеш аз ҳама, ҳимояи манфиатҳои иҷтимоии мардум, мусоидат барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва гирифтани пеши роҳи исроф, ки ба манфиатҳои иқтисодӣ ва фазои маънавии ҳаёти шаҳрвандон зарари ҷиддӣ ворид менамуд, иборат аст. Меъёрҳои қонун дар замони амали худ ба ҳар як хонадони сокини кишварамон роҳ ёфта, барои баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва фарҳанги рӯзгори мардуми ҶТ нақши муҳим бозиданд.

Қонуни ҶТ "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" бо мақсади пурзӯр намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои фарзанд қабул шуда, дар ин самт дар ҷомеа дигаргуниҳои амиқро ба миён овард.

Дар воқеъ, таърихи навини давлатдории тоҷиконро бе заҳмату талош, хизматҳои арзандаву шоистаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тассавур кардан имконнопазир аст. Таъмини сулҳ, ваҳдати сартосарӣ, ризоияти миллӣ, оромию субот дар ҷомеа, хомӯш кардани ҷанги шаҳрвандӣ, баргардонидани тамоми гурезагони иҷборӣ ба Ватан, аз вартаи нестӣ ва парокандагӣ наҷот додани давлату миллати тоҷик, аз бузургтарин ва беназиртарин хизматҳои тақдирсозеанд, ки Сарвари давлат барои давлату миллати тоҷик анҷом додаанд. Маҳз бо шарофати хизматҳои барҷаставу арзандаи таърихии ин абармарди бузурги саҳнаи сиёсат дар самти таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ, хомӯш кардани оташи ҷанги шаҳрвандӣ ва рафъи хатари парокандашавииии миллату заволёбии давлат бо дастгириву ташаббусҳои бевоситаи халқи Тоҷикистон якдилона бо қалби саршор аз меҳру муҳаббат ба ӯ мақоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат лоиқ дониста шуда, аз тариқи қонун танзими ҳуқуқӣ пайдо кард.




### 9. ЭЪТИРОФИ ИНСОН, ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ Ӯ ҲАМЧУН АРЗИШИ ОЛӢ

Дар заминаи амалисозии ислоҳоти конститутсионӣ дар кишвар инсон, ҳуқуқу озодиҳои ӯ ҳамчун арзиши олӣ шинохта шуда, эътироф, риоя ва ҳифзи онҳо аз ҷониби давлат кафолат дода шуд. Ба ҳар як шаҳрванд кафолати ҳифзи судӣ дода шудааст. Дар масири 30 соли Истиқлоли давлатӣ кафолатҳои таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тақвият ёфтанд ва сохторҳои дахлдори давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бо мақсади таъмини амалии ҳуқуқҳои инсон ва манфиатҳои қонунии онҳо таъсис ёфтанд. Дар ин миён қабули қонунҳои алоҳида оид ба ҳифз ва таъмини ҳуқуқҳои инсон, инчунин таъсиси баъзе аз сохторҳои давлатии ҳифзи ҳуқуқро ба монанди Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, Ваколатдр оид ба ҳуқуқи кудак ва Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавон махсус таъкид намуд.

### 10. ҚАБУЛИ КОНСЕПСИЯИ СИЁСАТИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2018-2028

Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, № 1005 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028 қабул гардид, ки он низ аз рӯйдодҳои муҳими ҳаёти ҳуқуқии кишвар ба ҳисоб меравад. Дар Консепсия ба маврид ишора шудааст, ки ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҷиноятҳои фаромиллӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва иҷрои ҳадафҳои стратегии давлат – таъмини истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ ва раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, бе таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ ғайриимкон аст. Дар робита ба ин масъала ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, тақвияти соҳибихтиёрӣ ва давлатдории миллӣ, таҳкими идоракунии давлатӣ, ҳифзи саломатии аҳолӣ, рушди маориф ва илм, фарҳанг, кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ, баробарӣ ва гуногунии шаклҳои моликият, рушди соҳибкорӣ, таъмини ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи ҷомеа мувофиқи консепсия вазифаҳои якумдараҷаи сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол эътироф шудаанд. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии кишвар дурнамои рушди низоми ҳуқуқии Тоҷикистонро нек тарҳрезӣ намудааст.

Моро зарур аст, ки бо дарназардошти вазъи мураккаби ҷамъиятию сиёсии ҷомеаи ҷаҳонӣ, таъсири паёмадҳои ногувори раванди ҷаҳонишавӣ беш аз ҳар вақти дигар атрофи сиёсати бобарори Пешвои муаззами миллат муттаҳид гашта, ҷиҳати таҷлили сазовори бузургтарин ҷашнвораи миллӣ - 30-солагии Истиқлоли давлатии ҶТ ва боз ҳам ободу пешрафта гардонидани он самаранок меҳнат кунем ва ба корҳои созандагиву бунёдкорӣ рӯй биёрем.

**ДАСТОВАРДИ ИСТИҚЛОЛ:** Интихоби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Сарвари давлат

# СОҲИБИХТИЁРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҲИФЗИ МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ



**Саъдӣ ШАРИФЗОДА**
**дотсенти кафедраи назария**
**ва таърихи давлат ва ҳуқуқ**



Имрӯз дар пешорӯйи мо ҷашни бузурги таърихӣ, яъне 30-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон қарор дорад. Ин ҷашн моҳиятан ба ташаккули тамаддуни давлатдорӣ ва роҳи душвору сангини расидан ба истиқлолият пайванди ногусастанӣ дошта, падидаи барҷастаи таърихию фарҳангӣ, мазҳари идеалу армонҳои чандинасраи фарзандони асилу огоҳ, рамзи асолату ҳувият, нишонаи ҳастию бақои деринаи миллати мо мебошад. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби худ «Тоҷикон дар оинаи таърих: аз Ориён то Сомониён» менависад: «Тоҷикистони азизи мо дар ин харитаи курраи арз мисли донаи регест, ки базӯр менамояд ва дар дили паҳнои Осиё қарор дорад. Ва воқеан дар қиёси кишварҳои паҳновару сернуфуси олам – Россия, Амрико ва м.и. басо хурду назарногир менамояд. Вале аксари ин давлатҳои бузург дар харитаи сиёсии ҷаҳон назар ба давлатдориҳои аҷдодии тоҷикон дертар падид омада, бо гардиши айём мақоми устувори геополитикӣ ва геостратегӣ пайдо намуданд». Таърих башорат медиҳад, ки инсоният дар тӯли беш аз панҷ ҳазор соли мавҷудияташ тақрибан 14520 ҷангҳои хурду бузургро паси сар намудааст, ки ба ҳисоби миёна се ҷанг ба як сол рост меояд. Ин маънои онро дорад, ки дар ин давраҳои таърихию ҷангҳои пуршидат чандин давлатҳо, миллатҳо ва халқиятҳо аз байн рафтанд, аммо миллати тоҷик тавонист то ба имрӯз фарҳангу тамаддун, забон ва давлати соҳибихтиёрро таъмин ва ҳифз намуда, онро дар сатҳи байналмилалӣ муаррифӣ намояд.

Қайд кардан зарур аст, ки волотарин дастоварди сиёсӣ дар таърихи Тоҷикистони навин соҳиб шудан ба истиқлолияти давлатӣ мебошад. Дар давраи муқовиматҳои шадиди сиёсӣ Иҷлосияи дувуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум) 24 августи соли 1990 Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро қабул намуд. Соҳибистиқлолие, ки дар ин санади таърихӣ эълон шуда буд, ҳанӯз «соҳибистиқлолӣ дар доираи салоҳияти Иттиҳоди Шӯравӣ» маҳсуб мешуд. Аммо Истиқлолияти давлатӣ барои мо мардуми Тоҷикистон ба осонӣ ба даст наомадааст. Дар оғози даврони истиқлолият бо таъсири бархе аз неруҳои бадхоҳи дохиливу хориҷӣ кишвари мо ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд ва он боиси қурбониҳои азими ҷонӣ, хисороти бузурги иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ гардид, ки ин ҳама появу рукнҳо ва асосҳои давлатдориро фалаҷ гардонида, дар кишвар беқонуниятӣ ва дигар бесомониҳоро ба вуҷуд овард.

Бинобар ҳамин соҳибихтиёрии давлатӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар замони таҳдиду хатарҳои нави ҷаҳонӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва мубоҳисавӣ буда, ба таҳлили воқеии ин андешаҳо ва назарияҳо таваҷҷуҳи бештар дода истодаанд. Соҳибихтиёрӣ ҳамчун истилоҳи ҳуқуқӣ маънои волоияти ҳокимияти давлатӣ дар дохил ва мустақил будани давлатро дар сатҳи байналмилалӣ ифода мекунад. Соҳибихтиёрӣ, ҳамчун яке аз нишонаҳои давлат, аз ибтидои пайдоишаш боиси баҳсҳои зиёде шуда истодааст ва консепсияи умумиэътирофшудаи он ҳанӯз ҳам таҳия нашудааст.

Дар ҷаҳони мутамаддин ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар ҳамаи давлатҳо ба мадди аввал баромадаст. Аз ин рӯ, таҳлили ин андешаҳо барои роҳандозии сиёсати давлати Тоҷикистон дар соҳаи ҳимояи манфиатҳои миллӣ аҳамияти назариявию амалӣ дорад. Дар шароити вусъати ҷаҳонишавӣ ва даъватҳои қувваҳои гуногуни сиёсиву мафкуравӣ дар хусуси даст кашидан аз соҳибихтиёрӣ, анъанаҳои миллӣ, тафовути фарҳангӣ дар илм ва таҷрибаи сиёсӣ ақида ва назарияи давлати миллӣ пешкаш шудааст. Манфиати миллӣ категорияи фалсафӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии аз назари паҳно ва дарки фаҳми он мураккаб аст, зеро солҳои зиёд баҳси бенатиҷае сари худшиносии миллӣ, худогоҳии миллӣ, идеяи миллӣ ва манфиатҳои миллӣ идома дорад. Бо вуҷуди чунин баҳсҳо, то ҳанӯз мушаххас нашудааст, ки худшиносии миллӣ чист ё манфиатҳои миллии мо кадомҳоянд?

Консепсияи манфиати миллӣ аз ҷониби муҳаққиқон З.Бзежинский, Ҷ.Розенау, К.Уолте, Ф.Фукуяма тадқиқ гардидааст, вале муҳаққиқи барҷастаи он сиёсатшиноси америкоӣ Г.Моргнетау ба ҳисоб меравад.

Мафҳуми «манфиати миллӣ» бори аввал соли 1935 аз ҷониби олимони америкоӣ Р.Нибур ва Ч.Бирду ба илм ворид карда шуд, вале класики он Г.Моргнетау ба ҳисоб рафта, ба сиёсати хориҷии ИМА таъсир ва нуфузи бештари худро гузоштааст.

**Принсипҳои асосии манфиати миллӣ аз нигоҳи Г.Моргнетау инҳоянд:**

1.Манфиат категорияи объективӣ буда, аз қувва иборат аст;

2.Манфиатҳои миллӣ сиёсатро муайян мекунанд;

3.Манфиатҳои миллӣ аз ҳолат, вақт, замон ва шароит вобастагӣ доранд.

Пас бо мақсади муайян кардани манфиати миллӣ мафҳум ва ё истилоҳи «манфиат»-ро таҳлил намудан зарур аст. Истилоҳи «манфиат» дар забони тоҷикӣ «манфиат» ҳамчун ҳаммаънои истилоҳи русии «интерес» (дар англисӣ низ «interest» гӯянд), қабул шудаст, ки мазмуни луғавиаш асосан «фоида» мебошад. Аз таҳлили мантиқии ин истилоҳ метавон гуфт, ки ҳар амале, ки дар сӣ соли соҳибихтиёрӣ ва пештар аз он ба манфиати (фоидаи) давлат, миллат ва халқ анҷом дода шудааст, ин манфиатҳои миллии мо мебошанд ва онҳоро ҳифз бояд намуд.

Дар сӣ соли соҳибихтиёрӣ ва пештар аз он чунин амалҳо ба манфиати (фоидаи) давлат, миллат ва халқ анҷом дода шудааст:

- то ба имрӯз нигоҳ доштани забони тоҷикӣ, фарҳанг ва тамаддуни хеш;
- ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ;
- қабули Конститутсияи ҶТ бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ;
- эътирофи давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ, дунявӣ ва ягона;
- ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои онсон ва шаҳрванд;
- ҳифзи моликияти шахсӣ ва давлатӣ;
- хотима додани ҷанги шаҳрвандӣ ва барпо намудани сулҳ;
- муайян намудани ҳадафҳои стратегии давлат ва ғ.

Боиси тааҷҷуб нест, ки давлатҳои бузург аз қуввату қудрат ва нуфузашон истифода бурда пайваста мекӯшанд, ки манфиатҳояшонро аз ҳисоби дигарон, бештар давлатҳои камқуввату камқудрат қонеъ намоянд. Бо вуҷуди ин ки ба хотири таъмин намудани бехатарии ҷаҳонӣ ва ҳимоя кардани ҳаққу ҳуқуқи ҷумла давлатҳо, хусусан давлатҳои хурд, ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ (бузургтарини онҳо Созмони Милали Муттаҳид аст) сохта шудаанд, ҳамагон медонанду мебинанд, ки дар бархӯрдгоҳи манфиатҳои миллӣ майдон аз они зӯр асту тамошо азони кӯр!

Дар чунин шароит оқилонаю одилона тарҳрезӣ кардани манфиати миллӣ махсусан барои давлатҳое муҳим аст, ки қудрату имконашон маҳдуд мебошад. Бинобар ҳамин, ҳифзи соҳибихтиёрии давлатӣ ва ҳифзи манифтаҳои миллӣ, махсусан дар шароити ҷаҳонишавӣ ба мадди аввал баромада истодаанд. Ҷаҳонишавӣ худ падидаи нави ҳаёти ҷомеаи мутамаддин буда, паҳлӯҳои ҳам мусбат ва ҳам манфӣ дорад. Маҳз паҳлуҳои манфии ҷаҳонишавӣ, аз ҷумла фишори давлатҳои абарқудрат ба давлатҳои рӯ ба инкишоф ниҳода, мубориза ширкатҳои бонуфузи молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ барои азхуд намудани захираҳои нави ашёи хом, пеш аз ҳама нафту гази табиӣ, ворид гаштани падидаҳои зараровари фарҳанги бегона, вусъати воситаҳои технологӣ ва паҳн гаштани иттилооти ғаразнок ва ғайривоқеӣ вазъи аслии нуфузи давлати соҳибиитиёрро халалдор мекунанд.

Маҳз ҳамин паҳлуҳо ва зуҳуроти манфии ҷаҳонишавӣ, ки солҳои охир бо суръати баланд паҳн шуда истодаанд, ҳимояи манфиатҳои миллии давлатҳои соҳибихтиёрро тақозо мекунанд. Дар акси ҳол манфиатҳои миллӣ поймол гашта, пойдории истиқлолияти давлат зери хатар мемонад. Дар шароити вусъати ҷаҳонишавӣ ҳимояи музаффариятҳои истиқлолияти давлатӣ ва манфиатҳои миллӣ ҳадафи стратегии давлат ва ҷомеаи тозабунёди Тоҷикистон маҳсуб мешавад.

# ИСТИҚЛОЛИ ТОҶИКОН – ПАДИДАИ НОДИРИ ТАЪРИХӢ



Далер ҚОДИРЗОДА
декани факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дотсент

**Таърихи умумиҷаҳонӣ собитгари он аст, ки озодӣ ва истиқлоли ҳеҷ халқе бо осонӣ ба даст намеояд. Дар тӯли таърих халқҳои зиёде барои дастёбӣ ба истиқлол садсолаҳо талош варзидаанд ва дар ин роҳ ҳазорон фарзандони огоҳ ва асили худро аз даст додаанд. То имрӯз халқҳои зиёде ҳастанд, ки дар ин роҳ талош меварзанд, вале муваффақ намешаванд.**

Вақте ба раванди таърихи ташаккули истиқлоли тоҷикон амиқан назар менамоем, равшан мегардад, ки роҳ ба сӯи истиқлол бисёр мураккабу тӯлонӣ, пур аз шебу фароз ва аз муборизаву иштибоҳот ва равандҳои ихтилофомез будааст. Аммо дар замири миллати тоҷик омилҳои бунёдии эҳёи истиқлол ҳамеша вуҷуд дошт, ки асолату ҳуввияти устувор ва амалан шикастнопазири таърихӣ, суннатҳои беш аз сеҳазорсолаи давлатдорӣ, арзишҳои бузургу созандаи иҷтимоӣ, фарҳангу маънавиёти бою ғанӣ ва ғайра дар асл шоҳсутуни ҳаёти фаъоли ин миллат буданд.

## ОРМОНИ МИЛЛАТ

Ормони истиқлол фарзандони муборизу ватандӯст ва хирадманди миллатро ба нигоҳ доштани ҳуввияти миллӣ, талқину таҳкими оини давлатдорӣ, таъмини пайванди ногусастании наслҳо ва ниҳоят ҳифзи истиқлоли Ватан ва пойдории тамаддуни аҷдодӣ раҳнамоӣ карда, дар давраҳои мушкили зиндагӣ ба онҳо қуввату тавоноӣ бахшидааст. Таърихи чандинҳазорсолаи миллати тоҷик, дар асл саргузашти муборизаҳои бисёр сахту сангин ва ҷонбозиҳои пур аз фоҷиа барои истиқлолу озодӣ, бунёду ҳифзи давлатдории миллӣ ва бо муросою мадоро, ҳусни тафоҳум, зиракию бедорӣ раҳидан аз чанголи сиёсати рақибони золиму истисморӣ мебошад.

## НАБАРДИ ОЗОДӢ

Тоҷикон борҳо бо душманон ва истилогароне рӯ ба рӯ шудаанд, ки тавонотарин қудрати замони худ буданд, вале онҳо бо ҷасорату матонат, фидокории бемислу монанд, зиракию фаросати фитрӣ, тадриҷан ба даст овардани идораи мулк ва оини давлатдорӣ миёни абарқудратони мағлубнопазирро шикастаанд.

Махсусан, бар зидди Искандари Мақдунии ҷаҳонситон шӯрида, ду соли тамом бо лашкари бешумору шикастнопазири ӯ набарду пайкорҳои беамон бурдани Спитамени суғдӣ, баъди марги Спитамен набардҳои ошкору ниҳонро дар қисмати ҷанубии қаламрави Бохтару Суғд ба муқобили Искандари Мақдунӣ идома додани Катан ва Овстан ва дар набардҳои муҳорибаи нобаробари минтақаи Паретакена қаҳрамонона ҳалок шудани онҳо аз ҷумлаи ин гуна саҳифаҳои муборизаҳои истиқлолхоҳии ниёгони тоҷикон ба ҳисоб меравад.

Чунин мисолҳо дар раванди таърихи фоҷиабор ва пур аз шебу фарози тоҷикон кам нестанд. Замони ҳуҷуми арабҳо ва туркони бодиянишин низ шаҳодатгари ин гуфтаҳост. Хонадони Бармакиёни Балх дахолати халифаҳои арабро дар низоми давлатдорӣ кӯтоҳ карда, тамоми низоми идораи империяи паҳноварро ба даст оварданд ва барои ободию пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодию маданii Хуросону Мовароуннаҳр чораҳои муфидро амалӣ намуданд. Сарлашкари араб ва амири Хуросон Асад ибни Абдулло бо артиши зиёду ҷангдида дар тӯли даҳ сол се маротиба пай дар пай ба Хатлон лашкар кашида, аз тарафи сарварони ин минтақаи тоҷикнишин Шаҳбол ва Бадри Тархун шикасти шармандавор хӯрд.

## ФАРЗАНДОНИ РОҲИ ОЗОДӢ

Шӯришу муборизаҳои пай дар пайи фарзандони бонангу номус ва барумандi миллати мо – Сумбоди Муғ, Деваштич, Ғурак, Муқаннаъ, Бобак, Темурмалик, Маҳмуди Торобӣ, Шаҳбол, Восеъ ва даҳҳои дигар аз рӯҳи мубориза, озодихоҳӣ, меҳанпарастӣ, ҷавонмардӣ, ҳусни тадбиру зиракӣ ва ормонҳои волои истиқлолхоҳӣ шаҳодат медиҳад.

Фарзонафарзандони фидоию баномуси миллати мо дар ҳама давру замонҳо, алалхусус ҳангоми истилои муғулнажодон дар ҷое бо силоҳу сипоҳ, дар ҷое бо зиракию ҳусни тадбир, дар ҷое бо хираду фарҳанги воло, дар ҷое бо ҳидояту панду ҳикмат ва дар ҷое бо муросою мадоро талошҳои истиқлолхоҳӣ бурдаанд, ки ин омилҳо бо ифтихори миллӣ ва эҳсоси ватандорӣ пайванди ногусастанӣ доранд.

## ШАХСИЯТҲОИ БУЗУРГИ МИЛЛАТ



Шахсиятҳои барҷастаи таърихи халқи тоҷик, ба монанди Куруши Кабир, Дорои Бузург, Спитамен, Вахшуварт, Канишкои Бузург, Хусрави Анӯшервон, Тоҳир ибни Ҳусайн, Абдуллоҳи Тоҳир, Яъқуби Лайс ва бахусус Исмоили Сомонӣ таҷассумгари барҷастаи рӯҳи тавоною бешикаст, омезиши ҷасорати оқилонаи ирсию иродаи босубот, талошҳои хастагинопазири давлатсозию давлатдорӣ ва таҳкими озодиву истиқлол буданд. Ташкилшавии нахустин давлати миллӣ ва мутамаркази тоҷикон – Сомониён натиҷаи ин ҳама муборизаҳо буд.

## ДАВРАИ ПУРФОҶИАБОРИ МИЛЛАТ

Дар ҷараёни як асри охир миллати тоҷик давраи пур аз тазод ва муборизаҳои пурфоҷиаро паси сар намуда, се зинаи инкишофи давлату давлатдорӣ ва роҳи сахту сангини расидан ба истиқлоли миллиро сипарӣ кардааст: интиҳои давраи давлатдории аморати Бухоро, таъсисёбии Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон ва ниҳоят эълом шудани Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва навсозию эҳёи давлатдории миллӣ.

Таъсисёбии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Тоҷикистон дар қаламрави Бухорои Шарқӣ сарфи назар аз иштибоҳоти тақсимоти марзӣ ва маҳдудкунии ҳуқуқи халқиятҳои тоҷиктабори кишварҳои ҳамсоя, барои пайвастани миллати тоҷик ба решаҳои куҳани таърихӣ ва ташаккули шакли нави давлату давлатдории онҳо мусоидат намуд.

Доираҳо ва гурӯҳҳои манфиатдор на фақат асолат ва ҳастии таърихии тоҷиконро аз ҷиҳати идеявӣ ва сиёсӣ бадқасдона инкор мекарданд, балки бо ҳамдастӣ ва мусоидати фаъоли як тоифа фарзандони нохалафи халқи мо мекӯшиданд, ки миллати тоҷик ҳамчун миллати асил ва соҳибватан мубталои фаромӯшхонаи таърих гардад.

## ҚАДАМИ БУЗУРГ БА СӮИ МУСТАҚИЛИЯТ

Дар чунин як марҳилаи сарнавиштсоз устод Садриддин Айнӣ вориди саҳнаи пайкори муқаддаси миллӣ шуд, ки муборизаи ҷасурона ва фаъолияти хирадмандонаи фарҳангиву маънавӣ, сиёсиву иҷтимоӣ ва ғоявию адабии ӯ дар асл корномаи бузурги миллӣ ва саҳми шоиста дар таъмини истиқлоли Ватан дар ин марҳилаи таърихӣ буд.

Новобаста аз мушкилоти зиёд чанде аз шахсиятҳои сиёсию ҳизбӣ, алалхусус Шириншоҳ Шоҳтемур ва Нусратулло Махсум ба хотири таъмини манфиатҳои тоҷикону Тоҷикистон талоши фаъолона варзиданд, ки ҳамаи ин дар маҷмӯъ ба таъсиси Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар соли 1929 мусоидат намуд.

Таърихи ҳафтод соли ҳамзистӣ дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ як пораи фаромӯшнашавандаи эҳёи истиқлолият ва давлату давлатдории мо дар фазои нави сиёсӣ буда, бо вуҷуди маҳдудиятҳояш Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистонро ба сӯи иқтисоди пешрафтаи ҷаҳонӣ, техникаю технологияи мукаммал ва маърифати волои замонавӣ ҳидоят кард.

Табиист, ки низоми Шӯравӣ маҳдудиятҳои ошкори худро дошт ва дар чаҳорчӯбаи низоми он бо ҳусни тадбиру иродат ва талоши пайгирона тақвияти бештари неруҳои истеҳсолӣ, иқтисодӣ ва технологӣ имконпазир буданд.

Дар айни ҳол барои такмили унсурҳои давлатдории миллӣ ва нуфузёбии арзишҳои миллӣ ба таври ошкору ниҳон монеаҳо эҷод менамуд. Чунончи, дар ҳудуди ҷумҳуриҳои миллӣ субъектҳои ҳокимияти давлатӣ ва идоракуние мавҷуд буданд, ки амалан тобеи ҳокимияти марказӣ буда, ҳатто ба ҳокимияти олии ҷумҳуриҳои мавҷуда итоат намекарданд.

Инчунин, бо баҳонаи ҳимояи манфиатҳои умумидавлатӣ ва умумиҳизбӣ доираи манфиатҳои миллӣ маҳдуд гардида, ваколату ӯҳдадориҳои тарафайн дар рӯи қоғаз мемонд. Алалхусус, эҳтиром гузоштан ба таъриху фарҳанги миллат, забони миллӣ, урфу одат ва дигар расму оинҳои аҷдодӣ коҳида, ҷои онро тантанаи расмиятҳои ҳизбию оинҳои шахспарастӣ мегирифт.

Чунин омилҳо тадриҷан сабаби падид омадани бӯҳрони амиқи иҷтимоӣ дар ҷомеа гардида, дертар майлҳои марказгурезӣ ва истиқлолхоҳиро падид оварданд. Махсусан, марҳилаи бозсозӣ ба раванди истиқлолхоҳӣ ва зуҳури ҳаракатҳои миллӣ такони ҷиддӣ бахшида, тафаккури марказгароӣ рӯ ба таназзул мениҳод ва мавҷи ислоҳотхоҳӣ авҷ мегирифт.

Дар сафи пеши ҳаракатҳои истиқлолхоҳӣ ва ҷунбишҳои миллӣ дар ҷумҳурии мо табиист, ки зиёиён ва дигар табақаҳои фаъоли ҷомеа қарор доштанд. Доираи зиёиён, алалхусус зиёиёни эҷодкор, ки аз марказиятёбии муносибатҳо, коҳидани робита бо кишварҳои хориҷии ҳамзабону ҳамҷавор, фишори чаҳорчӯбаи идеологӣ, густариши фазои сензуравӣ ва дигар монеаҳои бюрократӣ норозӣ буданд, вазидани насими бозсозиро хуш пазируфтанд.

Талошҳое, ки дар солҳои ҳаштодум дар атрофи забони тоҷикӣ ва мероси фарҳангӣ сурат гирифт, дар давраи бозсозӣ ҷунбишҳои худшиносии миллиро қувват бахшид.

## ИСТИҚЛОЛИЯТИ КОМИЛ

Истиқлоли давлатии Тоҷикистон расман ба парокандашавии империяи абарқудрати шӯравӣ ва фаро расидани марҳилаи нави таърихӣ рост омад. Дар чунин марҳалаи ҳассос ва тақдирсоз 9 сентябри соли 1991 истиқлоли сиёсӣ ва давлатии Тоҷикистон расман эълон шуд. Ин яке аз воқеаи бузургтарин дар таърихи пуршебу фарози халқи тоҷик буд, зеро имкони амалии таъсиси давлати озод ва мустақили миллӣ баъди садсолаҳо аз нав фароҳам гардид. Рушди маънавиёти миллат ва пойдориву шукуфоии давлат пас аз имзо шудани санади «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ» хеле вусъат ёфт ва дар зеҳну шуури мардум арзишҳои миллӣ ҷои хосаро ишғол карданд. Бо шарофати истиқлоли давлатӣ миллати тоҷик имкон пайдо кард, ки бо таърихи куҳанбунёди худ беҳтару бештар ошно шавад, решаҳои тамаддуни гузаштаро ҷустуҷӯ карда, онро барои таҳкими ватандӯстию худшиносӣ, ифтихори миллии мардум ва тақвияти пояҳои давлати соҳибистиқлол истифода намояд.

## ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА РОҲИ БУЗУРГИ ДАВЛАТСОЗИИ Ӯ

Акнун дар заминаи истиқлол қабули як қатор санадҳои тақдирсози миллӣ боварӣ ва эътимоди кишварҳои ҷаҳон ба Тоҷикистон зиёд гардид. Ҳамин аст, ки имрӯз Тоҷикистон ҳамчун субъекти мустақили муносибатҳои байналмилалӣ эътироф гардида, бо зиёда аз 130 давлати ҷаҳон муносибатҳои дипломатӣ ба роҳ мондааст. Ҳамчунин дар тайи 30-соли Истиқлоли давлатӣ Тоҷикистон бо зиёда аз 60 созмони минтақавию ҷаҳонӣ ҳамкориҳои судманро роҳандозӣ намудааст.

Имрӯз дар сатҳи ҷаҳонӣ Тоҷикистон бо сарварии Пешвои миллати тоҷик муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун давлати ташаббускор дар ҳалли масъалаҳои мубрами глобалӣ эътироф гардидааст. Ташаббусҳои ҷониби Тоҷикистон дар роҳи муборизаи самаранок бар зидди терроризм ва экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ҳалли масъалаҳои экологӣ ва махсусан, ба оби тоза таъмин намудани сокинони сайёра аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ хуш қабул гардид. Маҳз баромадҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбари созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, махсусан СММ кишвари моро дар сатҳи ҷаҳонӣ чун субъекти мустақил ва ташаббускор муаррифӣ ва маъмул гардонид.

Акнун рисолати ҳар як узви ҷомеаи соҳибистиқлол имрӯз пеш ҳама арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию давлатӣ ва ҳифзи якпорчагии Ватан бо тамоми ҳастӣ маҳсуб меёбад.

ДАСТОВАРДИ ИСТИҚЛОЛ: Қабули Парчам, Нишон ва Суруди миллии ҶТ

# ТАҚДИМИ МУКОФОТҲОИ ДАВЛАТӢ БА УСТОДОНИ ФАКУЛТЕТ








Моҳи августи соли равон дар Қасри миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба истиқболи 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як зумра намояндагони касбу кори гуногун, ки дар масири 30 соли истиқлолият фаъолияти кории назаррас доштанд, мукофотҳои давлатӣ, унвонҳо ва ҷоизаҳои давлатӣ супориданд.

Дар ҳамин радиф, як қатор устодони факултети ҳуқуқшиносӣ, ки саҳми беандозаи худро барои пешрафту шукуфоӣ ва ободии кишвар дар давоми 30 соли Истиқлолияти давлатӣ гузошта, фаъолияти пурсамари касбӣ доштанд, сазовори мукофотҳои давлатӣ, унвонҳо ва ҷоизаҳои давлатӣ гардиданд.

Боиси хушнудӣ ва сарфарозии устодону донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад, ки 9 нафар аз устодони факултет бо мукофотҳои олии давлатӣ аз ҷониби Пешвои миллат қадрдонӣ гардиданд.

**Ҳамин тавр, Насриддинзода Э.С., Раҳмон Д.С., Маҳмудзода М.А., Идизода Ф. бо медали ҷашнии «30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Холиқзода А.Ғ. бо унвони фахрии «Корманди шоистаи Тоҷикистон», Бобозода У. бо медали «Хизмати шоиста», Мирзамонзода Х.М. бо ордени Шараф ва Сулаймонов М. бо Ҷоизаи «Исмоили Сомонӣ» сарфароз гардиданд.**




Садорати факултети ҳуқуқшиносӣ, устодону кормандон ва донишҷӯёни ин даргоҳи муқаддас Насриддинзода Э.С., Раҳмон Д.С., Маҳмудзода М.А., Идизода Ф., Бобозода У., Мирзамонзода Х.М. ва Сулаймонов М.-ро бо ин дастовардашон самимона табрик намуда, ба онҳо тансиҳативу хушрӯзӣ, саодатмандию пирӯзӣ ва бурдбориҳои беназирро дар ҷодаи илму фаъолияти корӣ таманно доранд.

# 30 СОЛИ МУЗАФФАРИЯТҲОИ БЕНАЗИР

**Шаҳриёр ЗАБИРОВ**
**донишҷӯи соли 1**



Боиси хушҳолӣ ва хушбахтии ман аст, ки имсол дар яке аз донишгоҳои пурнуфузи кишвар – ДМТ, факултети ҳуқуқшиносӣ дохил шудам. Толеъмандии мо ҷавонон аст, ки бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ шароити мусоид фароҳам гардид, ки мо мустақилона бо дониши худ ба дилхоҳ макотиби олии кишвар дохил мешавем.

Дар рӯзҳои нахустини ба факултети ҳуқуқ ворид шудан ва аз устодони ин боргоҳи маърифат сабақ омӯхтан барои ман рӯзҳои беҳтарини ҳаётам ба ҳисоб меравад ва ман як ҷаҳон таассуроти нек бардошт намудам. Барои мо ҷавонон имсол соли фармӯшнашаванда мебошад, зеро сазовор гардидани мо бо номи пуршари “донишҷӯ” ба ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатӣ рост омад, ки абадан дар ҳофизаи мо мемонад. Талоши онро менамоям, ки факултетро ба баҳои аъло хатм намуда, барои Ватану миллати хеш содиқона хидмат намоям.

**Раҷабалӣ РАҶАБОВ**
**донишҷӯи соли 1**



Санаи 9 сентябри соли равон 30-юмин солгарди Истиқлолияти давлатӣ дар кишвари азизамон дар фазои тинҷиву оромӣ ва якдилӣ таҷлил карда мешавад.

Истиқлолият маънои озодӣ, мухторият ва мустақилиятро ифода менамояд ва шарафманд аз онем, ки ин неъмати бебаҳо насиби халқи шарифи тоҷик гардидааст. Истиқлолияти давлатии ҶТ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардидааст, ки ин замина фароҳам оварад то мо сиёсати хориҷии худро ба таври амиқ муайян намоем ва дар арсаи байналмилалӣ мавқеи худро соҳиб гардем. Маҳз сиёсати муваффақи Пешвои миллат буд, ки имрӯз Тоҷикистонро дар сатҳи байналмилалӣ чун кишвари соҳибистиқлол, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва ва ягона мешиносанд ва эътироф менамоянд.

Бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ ва дастгирии Ҳукумати ҶТ ва Вазорати маориф ва илми кишвар банда муассисаи таҳсилоти миёнаи умумиро бо баҳои аъло ва медали тилло аз рӯи равияи ҷамъиятӣ-гуманитарӣ хатм намуда, ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дохил шудам.

**Хусрав РАҶАБЗОДА**
**донишҷӯи соли 1**

Боиси хушнидии ҳар як донишҷӯ, бахусус худи ман аст, ки соҳиби номи донишҷӯ гардидам. Мушарраф гардидан ба номи пуршарафи донишҷӯи



факултети ҳуқуқшиносии ДМТ барои ман давлати бузург аст. Зеро имрӯз самараи заҳмату талошҳои пайвастаи худро мебинам ва аз он саодатмандам, ки вақти худро самаранок истифода намудам. Маҳз самаранок истифода намудани вақт буд, ки номи донишҷӯро ба даст овардам.

Тайи чанд рӯзе, ки мо ба ин боргоҳи илму маъриф қадам ниҳодем, муносибати хуби устодон ва садорати факултет илҳоми моро ба донишандӯзӣ дучанд намуд. Қавл медиҳем, ки ба баҳои хубу аълон хонда, унвони ҳуқуқшиноси варзидаро соҳиб гашта, барои татбиқи адолат ва ташкили ҷомеаи адолатпарвар нақши худро мегузорем.

**Неъматулло ҚУРБОНОВ**
**донишҷӯи соли 1**

Давоми 30 сол аст, ки миллати соҳибтамаддуни тоҷик соҳиби Истиқлолияти давлатӣ мебошад ва шаҳрвандони он дар фазои Ваҳдати миллӣ, озодиву осоиштагӣ зиндагӣ менамоянд. Дар ин муддат ҶТ ба дастоварҳои бисёр назаррас дар тамоми самтҳо, аз ҷумла иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ ноил гардид.



Мушарраф аз онем, ки тавассути Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дохил шудем. Ман ҳамчун ҷавони даврони соҳибистиқлолии кишвар аз ин дастгириҳои пайвастаи Пешвои миллат изҳори сипос намуда, аз фазои сулҳу субот, ваҳдат ва амнияти Ватани маҳбубамон истифода бурда, дар назди худ мақсад мегузорам, ки мутахассиси сатҳи баланди соҳаи ҳуқуқ шуда, ба Ватан, халқи шарифи Тоҷикистон самимона хизмат намоям.

**Дилрабо САИДОВА**
**донишҷӯи соли 1**

Таърихи халқи тоҷик гувоҳ бар он аст, ки қимматарин падида - истиқлолият, озодӣ ва сулҳу субот мебошад. Таҷрибаи давлатҳои пешрафта собит месозанд, ки истиқлолият на танҳо озодии як миллат, балки ба сифати сарчашмаи сулҳу субот дар минтақа ва ҷаҳон хизмат менамояд.

Истиқлолу озодӣ ва ободии кишвар аст, ки барои мо ҷавонон имконият фароҳам омад, ки ба дониши худ ба макотиби олии кишвар дохил шавем. Чӣ хуш аст, ки ҳамаи донишҷӯён бо чеҳраи кушода, нияту орзуҳои нек вориди до-



нишгоҳ мегарданд ва аз кирдору рафтори онҳо аён аст, ки нисбат баояндаи худ, инчунин давлати азизи хеш бетараф нестанд. Ба андешаи ман ин ҳама аз Истиқлолият ва озодиву оромии кишвари биҳиштосоямон маншаъ мегирад. Зеро, истиқлолият худ озодӣ, оромӣ ва ободиро ифода менамояд. Маҳз истиқлолият аст, ки дар вуҷуди мо ҳисси баланди меҳанпарастӣ, худшиносӣ ва ифтихор аз арзишҳои миллиро боло бурдааст.

**Мафтуна НАСРИДИНОВА**
**донишҷӯи соли 1**

Санаи 9 сентябри соли 1991 Иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии ҶТ даъвати дувоздаҳум ҳуҷҷати сарнавиштсоз, ҳуҷҷате, ки тақдири минбаъдаи миллати тоҷикро муаррифгар буд, яъне «Изҳорот дар бораи Истиқлолияти давлатии ҶТ»-ро қабул намуд ва маҳз ҳамин ҳуҷҷат таъмингари истиқлолияти комили ҶТ гардид.

Имсол 30-юмин солгарди Истиқлоли давлатӣ ба як шукуҳу шаҳомати хосса дар Ва-



тани маҳбубамон ҷашн гирифта мешавад ва дар ин рӯзҳои муборак барои ман боиси хурсандист, ки ба тариқи ройгон ба факултети ҳуқуқшиносӣ дохил шудам. Дар оянда талош хоҳам кард, ки донишгоҳро бо муваффақият хатм намуда, додситони хубе шавам ва барои риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар саросари кишвар хизмат намоям.

**Илҳом ОЛИМОВ**
**донишҷӯи соли 1**



Имрӯз шукргузор аз он ҳастам, ки соҳиби номи пуршарафи донишҷӯи факултети ҳуқуқшиносӣ гардидам ва ифтихори бузурге фарогирам аст. Зеро, ин даргоҳи муқаддас аз ҷумлаи бонуфузтарин боргоҳҳои таълиму тарбия дар кишвари азизамон ба ҳисоб меравад, ки ҳазорҳо мутахассисони баландпояро тарбия намудааст.

Тамоми муваффақиятҳои худро аз истиқлолияти Ватани азизамон ва аз оромиву осоиштагии он мебинам. Истиқлолият ба мо тамоми неъматҳоро муҳайё намуд ва он ганҷинаи бебаҳо маҳсуб меёбад.

Истиқлолият тоҷиконро соҳиби давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона гардонид. Хурсандиовар аст, ки имрӯз мо соҳибистиқлолем. Имрӯз бо шарофати истиқлолият роҳи Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо ба сӯи ояндаи нек боз ҳам дурахшонтар гардида истодааст.

**Ганҷина МУҲСИНЗОДА**
**донишҷӯи соли 1**



Истиқлолият аст, ки мо имрӯз дар донишгоҳу донишкадаҳо ва мактабҳои замонавии ба талаботи байналмилалӣ ҷавобгӯ таҳсил менамоем. Шароитҳои фароҳамовардаи давлату ҳукумати кишвар заминаҳои асосиро барои соҳиби илму дониш гардидан, забон омӯхтан ва тавассути он аз ҷомеаи муосири байналмилалӣ огоҳӣ пайдо намудан гузошт.

Шаҳди истиқлолиятро имрӯз дар зиндагии худ эҳсос менамоям, ки далели равшани он мушарраф гардиданам ба номи донишҷӯ аст. Моро зарур аст, ки аз ҳарвақта бештар талош намоем, илм омӯзем, дар фикри беҳбудии кишварамон бошем ва нагузорем душманони давлати мо амалҳои нопокашонро амалӣ намоянд.

**Дилшур ПУЛОТОВ**
**донишҷӯи соли 1**



Дар замони соҳибистиқлолӣ давлату ҳукумати кишвар ба ҷавонон чун неруи созанда ваояндаи марзу буми аҷдодӣ таваҷҷӯҳи пайваста зоҳир менамояд. Аз рӯи маълумотҳои оморӣ аксарияти аҳолии кишварро ҷавонон ташкил медиҳанд ва онҳо қодиранд миллатро муаррифгар бошанд. Имрӯз аз ҷониби давлату ҳукумати кишвар нисбати ҷавонон як қатор имтиёзу имкониятҳо фароҳам гардидааст, ки метавонанд аз онҳо самаранок истифода намоянд. Аз ҷумла, ҷудо гардидани квотаҳои президентӣ, ба таҳсил фаро гирифтани ҷавонон берун аз кишвар, таъсис додани мукофотҳои давлатӣ барои онҳо ва ғ. аз ҷумлаи онҳоянд.

Маҳз бо шарофати дастгирӣ ва имконоти ҷойдошта мо сарфарози номи баланди донишҷӯ гардидем. Ман чун донишҷӯи даврони истиқлолият ваъда медиҳам, ки тамоми неруи худро баҳри ободиву осоиштагӣ ва муаррифии Ватани биҳиштосоямон сафарбар менамоям ва ифтихор аз он дорам, ки зодаи ин миллати куҳанбунёд ҳастам.

**Фарҳунда ЮНУСОВА**
**донишҷӯи соли 1**



Истиқлолу озодӣ барои миллати ғаюру наҷиби тоҷик бисёр имконияту шароитҳои мусоидро фароҳам овард. Ба вижа таваҷҷуҳи Пешвои миллат ва ҳукумати кишвар ба ҷавонон зиёд аст. Мо сипосгузорем аз Роҳбари давлат, ки чунин шароитҳоро барои мо фароҳам оварданд. Сарафрозам, ки донишҷӯи ин боргоҳи илму адаб гардидам.

Касби ҳуқуқшиносӣ касби оддӣ нест, зеро фаъолияти ӯ доимо барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини волояти қонун ва ҳуқуқ, ҷустуҷӯи ҳақиқат мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо баробари ба даст овардани истиқлолият таваҷҷӯҳи бевоситаи худро ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона намуд. Дар асоси моддаи 5-и Конститутсия инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ эътироф гардидааст. Дар сурате, ки ҳуқуқҳои инсон аз ҷониби давлат эътироф гардидаву мавриди ҳифз қарор мегиранд, ҳатман дар ҷомеа пешравӣ, баробарӣ ва бародарӣ ба вуҷуд меояд, ки сарчашмаи тамоми комёбиҳо ба ҳисоб меравад.

**Таҳияи**
**Шерзода БУРҲОНАЛӢ**

# РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТӢ ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ



**Анвар САФАРЗОДА**
**мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, профессор**

Миллати тоҷик ва мардуми шарафманди Тоҷикистон пас аз садсолаҳои бедавлатӣ дар интиҳои асри XX ба истиқлоли комил расиданд. Оғози истиқлоли халқи тоҷик, ӯро бо ҳодисаву воқеаҳои фалокатбор рӯ ба рӯ намуд. Ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ имкон надод, ки тоҷикон шаҳди Истиқлолияти давлатии худро, ки баъди ҳазорсолаҳо ба даст оварда буд, чашад. Дар як давраи ҳассосу сангини иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ баргузор гардидани Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии ҶТ воқеияти талошу заҳматҳои зеҳнии шахсоне буд, ки нисбати сарнавишти тақдирсози ин миллати куҳанбунёд бетафовут набуданд. Аҳамияти таърихии Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи барпо намудани асосҳои бунёдии ҷомеаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии халқи тоҷик бузург аст. Ҳамин асосҳои бунёдии ҷомеа дар рушду нумӯи худшиносиву ҳуввияти миллӣ ва истиқлолияти ҳуқуқию фарҳангӣ заминаҳои мусоид фароҳам меорад.

Ҳаминро бояд таъкид кард, ки дар Иҷлосияи мазкур Қонуни ҶТ «Дар хусуси тадбирҳои пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани ҷиноятҳои вазнине, ки бар зидди саломатӣ ва ҳаёти шаҳрвандон, ҳуқуқи амволии онҳо ва барои хароб кардани пояҳои иқтисодию сиёсии ҶТ нигаронида шудаанд», қабул гардид, ки он чораҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятиро оид ба мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар чунин як марҳилаи ниҳоятан мушкил, ки ба сари шаҳрвандон, ҷомеа ва давлати тоза ба истиқлол расидаи тоҷикон таҳмил шуда буд, ҷоннок кард.

Аҳамияти ҳуқуқии қабули Қонуни мазкур пеш аз ҳама, дар хислати созандаи он зоҳир мегардид, зеро ки он ба Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон (соли 1961) пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ аввалин шуда тағйироту иловаҳои зиёдеро ворид намуда, бахри тақвияти низоми давлатдорӣ ва ҳифзи манфиатҳои шахсият, ҷамъият ва давлат дар ин давраи сарнавиштсоз хизмат намудааст.

**Дар умум, давоми се даҳсолаи мавҷудияти Кодекси ҷиноятии соли 1961, ба он бештар аз 500 тағйироту иловаҳо ворид гардидааст. Ин аз он гувоҳӣ медоданд, ки Кодекси ҷиноятии соли 1961 дигар наметавонист ба таври дахлдор ҳифзи муносибатҳои нави ҷамъиятии дар ҶТ бамиёномадаро таъмин намоянд.**

Бинобар ин, дар шароити нави давлатдорӣ ва гузариш ба низоми нави иҷтимоию иқтисодӣ зарурати қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии мутобиқ ба талаботи замонро ба миён овард.

Такони ҷиддӣ бахри амалӣ гардонидани ислоҳоти қонунгузорӣ, аз ҷумла қонунгузории ҷиноятӣ пеш аз ҳама, ин Фармоиши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 1995 таҳти № ФП- 56 мебошад. Мувофиқи фармоиши зикршуда, дар баробари нуҳ комиссияи коркарди Лоиҳаҳо ба дигар кодексҳо ҳайати комиссия оид ба таҳияи лоиҳаи қонуни ҷиноятӣ низ тасдиқ гардида буд. Ба ҳайати комиссияи мазкур шахсони зерин шомил буданд: роҳбари гурӯҳ - Юсупова Сайёра Олимовна - судяи Суди Олии ҶТ, номзади илмҳои ҳуқуқ; Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович - номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ; Ҷӯраев Шарифҷон - сардори Раёсати таҳқиқу тафтишотии Прокуратураи ҶТ; Тоиров Абдусаттор - мутахассиси Вазорати амнияти ҶТ.

Минбаъд бахри коркарди ило-вагии Лоиҳаи мазкур санади дуюм – Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 марти соли 1998 таҳти № РП-589 гурӯҳи корӣ дар ҳайати зерин ташкил карда шуд: Бобоҷонов И.Ҳ. - машваратчии калони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба робита бо Парламент ва масъалаҳои ҳуқуқӣ (роҳбари гурӯҳ), Холиқов А.Ғ. - муовини раиси Кумитаи Маҷлиси Олии ҶТ (дар мувофиқа); Салимов Ш.О. - прокурори шаҳри Душанбе; Раҳимов Р.Х. - муовини сардори Идораи мубориза ба муқобили ҷиноятҳои иқтисодии ВКД ҶТ; Солиев К.Х. - сардори сикли Мактаби Олии ВКД ҶТ.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи мубоҳисаҳои зиёди илмӣ, баинобатгирии таҷрибаи ҷаҳонӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст ва шароити кунунии кишвар соли 1998 КҶ ҶТ қабул гардид. Воқеан қабули КҶ ҶТ соли 1998 яке аз қисмҳои таркибии раванди дигаргуншавии тамоюли қонунгузории ватанӣ, хусусан қонунгузории ҷиноятӣ дар чараёни ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ буда, муайянкунандаи сиёсати давлат дар самти мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ба хисоб меравад.

Ҳамин тавр, баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон инкишофи қонунгузории ҷиноятиро метавон ба се давра ҷудо намуд.

**ДАВРАИ АВВАЛ** аз Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии ҶТ то қабул намудани Кодекси ҷиноятии ҶТ соли 1998-ро дар бар мегирад. Дар ин марҳила, вобаста ба шароити сиёсию иҷтимоии ҷомеа ҷараёни криминализатсия намудани кирдорҳои гуногун инкишоф ёфта, ҷавобгарии ҷиноятӣ пурзӯр гашта, миқдори маҳкумон зиёд шуда, шароити адо ва иҷрои ҷазо вазнин мегардад.

**ДАВРАИ ДУВВУМ** аз соли 1998 то соли 2004, яъне то қабули Қонуни ҶТ “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии ҶТ” аз 17 майи соли 2004 дар бар мегирад. Ин марҳила аз пурзӯр гаштани сиёсати давлат алайҳи ҷинояткорӣ ва муътадил шудани сиёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ иборат мебошад. Ин давра, бо зиёд гаштани ҳаҷму мӯҳлати ҷазо, миқдори маҳкумон ва муътадил шудани шароити нигоҳдории маҳкумон фарқ мекунад. Барои мисол, дар моддаи 58 Кодекси ҷиноятӣ барои 15 таркиби ҷиноят ҳукми қатл пешбинӣ шуда буд. Аммо баъди соли 2004 ин миқдор ба 5 таркиб оварда расонида шуд. Яъне гуфтан мумкин аст, ки пай дар пай сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ хусусияти инсондӯстонаро касб намуда истодааст.

**ДАВРАИ СЕЮМ** аз соли 2004 то имрӯзро дар бар мегирад. Ин марҳила бо муътадил шудани сиёсати давлат муқобили ҷинояткорӣ ва сиёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ аз давраҳои пешин фарқ мекунад. Дар ин давра, ҷиноятҳои начандон вазнине, ки аз беэҳтиётӣ содир мешаванд, декриминализатсия ё ҷиноятҳои категорияҳои дигар депенализатсия карда шуда, миқдори маҳкумон кам мегардад. Маҳрум намудан аз озодӣ нисбати танҳо шахсоне татбиқ мешавад, ки ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин содир намудаанд, шартан татбиқ накардани ҷазо, шартан пеш аз мӯҳлат аз адои ҷазо озод намудан бештар татбиқ мегардад. Дар муассисаҳои адои ҷазо танҳо маҳкумоне нигоҳ дошта мешаванд, ки ҷиноятро дар ҳолати ретсидив содир намудаанд ё ислоҳ шудани худро исбот накардаанд.

Бо дарназардошти фазои басо мураккаб, печида ва зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир, вазъи геополитикии сайёра ва минтақаи Осиёи Марказӣ, афзудани тамоюлҳо ва хатарҳои терроризм, экстремизм, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, қочоқи силоҳ ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ дар минтақа, аз он тақозо менамояд, ки Истиқлолияти давлатӣ, Ваҳдати миллӣ, ҳимояи



манфиатҳои халқ ва давлати Тоҷикистон бо тамоми тарзу усулу воситаҳо, аз ҷумла қонунгузории ҷиноятӣ мавриди ҳифз қарор дода шавад.

Ҳамин тавр, хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки бо назардошти вазъи имрӯзаи Тоҷикистон метавон омилҳои зеринро чун таҳдидҳо ба Истиқлолияти давлатӣ номбар намуд:

**- қочоқ ва муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва нашъамандӣ;**

**- қочоқ ва муомилоти ғайриқонунии яроқу аслиҳа ва моддаҳои тарканда;**

**- хариду фурӯши одамон, одамрабоӣ, бахусус занону кӯдакон;**

**- кибертерроризм (амнияти иттилоотӣ);**

**- терроризм ва экстремизми сиёсию динӣ;**

**- фаъолияти гурӯҳҳои ҷинояткори фаромиллӣ ва ғайра.**

Омилҳои болозикрро ба назари эътибор гирифта, бо мақсади ба талаботи замони муосир мутобиқ намудани танзими муносибатҳои муҳимми ҷамъиятӣ зарурияти таҳияи Кодекси ҷиноятӣ дар таҳрири нав ба миён омадааст.

Бо ин мақсад, бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, №АП-1209, аз 30 апрели соли 2019, гурӯҳи корӣ ташкил шудааст, ки лоиҳаи Кодекси ҷиноятии ҶТ дар таҳрири нав дар заминаи муқаррароти Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028 бо дарназардошти Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии ҶТ, омӯзиши таҷрибаи кишварҳои ҳамсоя, пешниҳодҳои коршиносон ва вазорату идораҳои дахлдор таҳия намояд.

**Гурӯҳи корӣ дар ҳайати 9 нафар намояндагони вазорату идораҳои дахлдор ва ҷомеаи илмӣ созмон дода шуда, роҳбарии он ба зиммаи Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ Ализода Зариф вогузор гардид. Бо амри зикргардида сардори Раёсати назорати иҷрои қонунҳо дар мақомоти корҳои дохилӣ ва назорати маводи навшъаовари Прокуратураи генералӣ Қурбонзода Шариф Ҳабибулло - муовини роҳбари гурӯҳи корӣ, Содиқзода Р., Абдуллозода Ф.А., Шарипов Т.Ш., Баҳриддинзода С.Э., Лутфуллозода Ш., Солиев К.Ҳ. ва Нуров С.Қ. аъзоёни гурӯҳи мазкур таъин гардиданд.**

Дар лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ бо дарназардошти Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ ба ҷиноят ва рафтори ҷиноятӣ тақсим карда шудааст.

**Сохтори лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ ба қисмҳои умумӣ ва махсус тақсим шуда, аз 14 фасл, 36 боб ва 473 модда иборат мебошад.**

Бояд қайд намуд, ки натиҷаҳои чашмдошт аз амалисозии лоиҳаи мазкур ин беҳтар намудани самти пешгирии ҷинояткорӣ, кам кардани шумораи маҳбусон, паст кардани баррасии шумораи парвандаҳо аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судӣ, беҳтар кардани фаъолияти муассисаҳои адои ҷазои ҷиноятӣ мебошанд.

Бо қабул гардидани лоиҳаи мазкур низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба марҳилаи нави инкишофи таърихӣ ворид гардида, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, рушди устувори сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии ҷомеа ва волоияти қонун дар мамлакат таъмин хоҳад гашт.




# ИСТИҚЛОЛИЯТ – НАХУСТИН ФАСЛИ ДАФТАРИ ДОНОӢ



Фарзона АСОЗОДА
магистри соли 2

**Китоби зиндагӣ...Китоби пур аз сафҳаҳои тираву рангин...Китобе, ки омӯзгори беминнат барои шогирдони худ аст. Китобе, ки онро фасл ба фасл мебояд хонд ва аз имтиҳоноти он зина ба зина мебояд гузашт.**

Имтиҳоне, ки барои халқи тоҷик дар охири карни XX омода гардида буд, наметавон фаромӯш кард. Ҷангу ҷидол миёни ҳаммилатон, ҳамватанон ва ҳамкавмон бахри ба даст овардани ҳокимият, қатлу куштор, азоби гуруснагӣ, беамонӣ, ваҳм ва аз ҳама ҷонкоҳтар, хатари фурӯпошии давлату миллати тоҷикон, ки тӯли қарнҳо дар сафҳаҳои таърих бо хати сиёҳ сабт гардида хоҳад шуд, дар рӯ ба рӯйи мо қарор дошт.

Бадхоҳони миллати тоҷик дар камин мунтазири он буданд, ки ҳол андар ҳол миллату давлати тоҷик пароканда мегардад ва номи тоҷикон аз сафҳаи таърих зудуда мегардад. Лобаю зории модарони барҷомонда ва дасти дуои эшон ба даргоҳи худовандӣ боиси он гардид, ки марди шердил, қавиирода, хирадпешаву фарзона аз миёни ин қавм бадар ояд ва масъулияти сангини миллатро бар дӯш гирифта, онро аз вартаи нестӣ наҷот диҳад.

Ин марди хирад бо шиори зиндагисози "Бо дӯстон мурувват, бо душманон мадоро" тавонист сулҳу осоиштагиро дар Ватани муқаддаси тоҷикон барқарор намояд, ки на кори саҳлу осон буд. Ин имтиҳони ҷиддӣ фасли нахустинро дар таърихи давлатдории тоҷикон рақам зад, ки номаш "Истиқлолият" аст.

Аз ин рӯ, ин вожаи муқаддас, ки дар партави худ калидвожаҳои минбаъдаи давлатдории тоҷиконро, аз қабили сулҳу осоиштагӣ, Ваҳдати миллӣ, амният, рушду пешрафти давлатдорӣ ва ғайраро тачаллӣ менамояд, бо номи ин абармарди таърих – Эмомалӣ Раҳмон пайвастагии ногусастанӣ дорад. Ниҳоли Истиқлолият, маҳз бо дасти ин марди фозилу хирадманд шинонида шуд, ки имрӯз он дарахти азимеро мемонад устувору побарҷо, ки решахояш ба умқи замин ва шохаҳояш ба осмон тӯл кашидаанд, ки бо таъсири ҳеҷ гуна абру бод ва дасти ноҳалафе шикаста намегардад.

Зимнан, набояд фаромӯш кард, ки устувории Истиқлолияти давлатии мо, аз устувориву сарҷамъии якояки мо, тоҷику тоҷикистониён вобаста аст, чунон ки устувории занҷири оҳанин аз устувории ҳар як ҳалқаи он вобаста аст.

Аз ин ҷост, ки сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста ба зиракии сиёсӣ ва сарҷамъиву иттиҳоди миллӣ даъват мекунанд. Аммо табиист, ки сарҷамъӣ дар гирди меҳваре сурат мегирад ва имрӯз бо боварии том метавон гуфт, ки меҳвари мо тоҷикон сарвари оқилу фарзонаамон аст, ки намунаи олии ватандориву меҳанпарастӣ ва садоқатмандӣ ба Ватан аст ва ба ҳам омадан дар атрофи ин нигини миллат боиси нигаҳдории арзишҳои бузурги миллии мост.

Хушбахтии бузург ва асосие, ки имрӯз моро насиб гаштааст, бешубҳа Истиқлолият аст. Зеро аз таҷриба давлатҳое, ки Истиқлолияти давлатии худро надоранду тобеи давлати бегона ҳастанд, ё аз таҷрибаи давлатҳои ҷангзада бо чашми хирад метавон дид, ки чӣ неъмати бузурге ҳаст дар давлати мустақилу озод, амну осоишта зиндагӣ кардан, ки биҳишти моро дар ин дунё мемонад.

Истиқлолият нахустин фасли китоби давлатдорӣ буда, садоқат ба он нахустин фасли китоби худшиносист. Бигзор Истиқлолияти миллии мо ҷовидону поянда ва бегазанд бошад ва Тоҷикистони азизи мо рӯз то рӯз зеботару ободтар гардад!

# МАҚОМБАРДОРИ ЗАНИ ТОҶИК

Шуълаи умед, ҳаёти нав, озодӣ, зиндагии осуда, имконияти таҳсил ва интихоби шахсӣ... аввалиндарача ӯ моро ба ҳамин ҷабҳаҳо ноил гардонид. Вале агар ин рӯйхатро идома диҳем, шабу рӯзҳои беҳисоб лозим мешавад. Дар таърихи инсоният зан ба мушкилиҳои зиёд рӯ ба рӯ шудааст: таҳқир, латукӯб, қатл... Ҳамаи ин давраҳоро бо сари баланд ва сабру таҳаммул паси сар намуда, ба шикаст сар ҳам накард, аз ҳаёти худ шикоят наварзид ва оилаву ҷомеаву мамлакатро ба пеш кашид. Шуълае, ки ӯ дар қалби худ солҳои сол, асрҳои аср нигоҳ медошт, хомӯш нагардид. Сад афсӯс, ки имрӯзҳо низ чунин вазъияти вазнини занон дар бархе аз мамолики олам вуҷуд дорад ва пеши роҳи ин ҳолатро касе гирифта наметавонад ва ҳатто гирифтанӣ ҳам нест. Холид Ҳусейн дар китоби худ – "Ҳазор офтоби дурахшон" мақому манзалати зани афғонро хеле хуб ба қалам додааст. Китоб саршор аз дарду азобу ранҷу кулфат ва ашки бекудративу нотавонии зан аст. Мудҳиштарин нуқтаи асар дар он мебошад, ки қаҳрамонзанони асар ҳам аз ҷангу нотинҷиҳои замон, ҳам аз издивоҷ дар синни хурдсолӣ ва ҳам аз таҳқирҳои шавҳар ҷабру зулм мебинанд. Бо хондани китоби мазкур хонандаи тоҷик боз бештар ба фикр фурӯ хоҳад рафт, ки аз ҷӣ гуна ҷангу хонумонсӯз раҳоӣ ёфтааст ва бори дигар ба атокунандаи хушбахтӣ ва оварандаи сулҳ миннатдорӣ баён мекунад.

Боиси хушнудист, ки ҳамаи ин неъматҳоро ба мо – занону духтарони тоҷик Пешвои миллатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фароҳам овардаанд. Имрӯз занон-модарон дар фазои суботу оромӣ ва сулҳу салоҳ зиндагӣ намуда, барои фардои дурахшони кишвар талошҳои ҳастанопазирро анҷом медиҳанд. Имрӯзҳо духтарони деҳоти дуру наздик имконият ба даст овардаанд, ки дар муассисаҳои олии дилхоҳашон, аз ҷумла



Ҷаманоро ДАВЛАТОВА
донишҷӯйи соли 4

макотиби олии пойтахти кишвар таҳсилашонро идома диҳанд, соҳиби ҷойи кор шаванд ва зиндагиашонро мустақилона пеш баранд.

Пас, мо бояд ба боварии комили Президентамон сазовор гардем, дар тамоми самту соҳаҳои зиндагиамон фидокор бошем ва ҳамеша бар он ҷаҳд кунем, ки ҳам оила, ҳам ҷомеа ва ҳам давлатро ба пеш барем.

# 30 СОЛИ БУРДБОРИВУ КОМЁБИҲО



Ҷонона СУҲРОБЗОДА
магистри соли 1

Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар масири даҳ асри охир дастоварди бoарзиштарин ва волотарини миллати тоҷик аст, ки имрӯз сарнавишт ва сиёсати дохиливу хориҷии худро ба дасти хеш мустақилона менависад. Ин дастовард дар таърихи давлатдории тоҷикон гардиши куллӣ ва оғози марҳилаи сифатан нави рушд буда, дар назди насли имрӯза вазифаи пурмасъулияти таърихӣ гузоштааст, ки бунёди давлати мутамаддин ҷовобгӯ ба манфиатҳои халқу кишвар ва эҷоди аркони давлатдории муосирро пеш гузошт. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон дар асари таърихии хеш "Тоҷикон дар оинаи таърих" қайд намудааст: "Фарзандони фидоию бономуси миллати мо дар ҳама давру замон, дар ҷое бо хираду фарҳанги воло, дар ҷое бо муросою мадоро талошҳои истиқлолхоҳӣ бурдаанд, ки ин омилҳо бо ифтихори миллӣ ва эҳсосӣ ватандорӣ пайванди ногусастанӣ доранд...".

Бо шукргузориҳои беандоза, имрӯзҳо мо ҷашни 30-юмин солгарди Истиқлолияти давлатиро дар фазои сулҳу осоиштагӣ ва ваҳдати комил истиқбол мегирем. Ҳамаи ин аз баракату роҳнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарчашма мегирад, ки кибру ғурури носозгорро ба ваҳдату созандагиҳо мубаддал сохт. Ин буд, ки дар як давраи начандон тӯлонии таърих кишвари ба бӯҳрони сиёсию иқтисодӣ рӯ ба рӯ шударо ба давлати рӯ ба тараққӣ моил сохта, ноумедиҳои зиндагиро бозпас гардонид ва ба рӯҳияи мардум неруи тозаи созгор бахшид.

Мусаллам аст, ки Ҳукумати кишвар ва миллати сарбаланди тоҷик дар солҳои соҳибистиқлолӣ ба ҷор ҳадафи стратегӣ – таъмини истиқлолияти энергетикии Тоҷикистон, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар ба нақша гирифт. Ин ҳадафҳои стратегӣ бо мурури замон амалӣ шуда истодаанд.

Имрӯз зарур аст, ки ҳар як сокини Тоҷикистон шукргузор аз ин ватани биҳиштосо, соҳибистиқлол ва Роҳбари хирадманду заковатманд, шамъи фурӯзони роҳи орзуи миллионҳо сокинони Тоҷикистон – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат бошанд.



# ИСТИҚЛОЛИЯТ – НЕЪМАТИ БЕБАҲОИ МИЛЛАТ

**Аз тантанаи истиқлол миллатеро бо номи тоҷики тоҷдор ва кишвареро бо номи Тоҷикистони биҳистосо мешиносанд.**

Истиқлолият ин нишони барҷастаи пойдории давлат, бақову симои миллат, рамзи асолату ҳувият, мазҳари ормонҳои таърихӣ ва шарафу эътибори ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад.

Воқеан, бузургтарин неъмат, ки насиби як миллат мегардад, ин истиқлол, озодӣ, субот ва оромист. Бе мавҷудияти чунин маҳаки асосии ҳастӣ зиндагӣ бемазмун, оянда торик ва ҳадафҳо барбод мераванд. Хушбахтона миллати сарбаланди тоҷик аз ин немаъти волои инсонӣ бархурдор аст. Аз ин рӯ, истиқлолият барои мо рамзи олии Ватану ватандорӣ, бузургтарин неъмати давлатсозию давлатдории мустақил, кору пайкорҳои пайгиронаи созандагӣ, азму талошҳои фидокоронаи расидан ба истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро омӯзонда, меъёрҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таҳким бахшид ва дар як вақт ҳаёти озодонаи ҳар фард ва олитарин дараҷаи бахту саодати воқеии миллатро таъмин намуд. Бинобар ин, муҳимтарин вазифа ва қарзи шаҳрвандии мост, ки онро ба ҳеҷ ваҷҳ аз даст надиҳем ва баробари ҷони худ ҳифз намоем.



Абдулхайри ҲАСАН
ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат

Асри мо асри мушкилоти азим аст. Саросари дунёро терроризм, экстремизм, паҳншавии маводи мухаддир, ғасби ғайриқонунии ҳокимият, поймолкунии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҷомеаи демократӣ тавассути ба шур овардани як қисми хурди аҳолӣ, ки сабаби бенизоми мегардад, фаро гирифтааст. Дар қисмате ғасби ғайриқонунии ҳокимиятро нишони демократия меноманд, дар қисми дигари сайёра онро терроризм, ки ин гуна фаҳмишҳо хатари ҷиддиро барои рахна кардани марзи истиқлолияти давлатҳо ба миён оварда, боиси сукути ҳуқуқу озодиҳои аксарияти аҳолии кишварҳо мегардад.

Дар чунин шароити бисёр мураккаб, ҳифзи истиқлоли миллӣ бисёр душвор буда, садоқати махсуси шаҳрвандони бонангу номусро талаб мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон чун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ табиист, ки аз равандҳои ҷаҳонишавӣ берун буда наметавонад. Муносибатҳои мо ба кишварҳо ва минтақаҳои гуногуни олам торафт вусъат ёфта, мо ҳарчи бештар вориди муносибатҳои сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангиву гуманитарии байналмилалӣ мегардем. Дар чунин шароит амиқ дарк кардани мақсад ва ҳадафҳои худ, таҳкими дастовардҳои таърихӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллии Ватани азизамон дар арсаи байналмилалӣ амри зарурист.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки нодиртарин дастоварди миллат - истиқлол аст ва онро бояд ҳифз кард.

# ИСТИҚЛОЛИЯТ – КАФИЛИ ПОЙБАРҶОИИ ДАСТОВАРДҲОИ МИЛЛӢ



Саидакбар ҚОДИРОВ
магистри соли 1

**Омили асосии пешрафт ва тараққиёти ҳар кишварро зеҳн ва тафаккури солими насли ояндасози миллат – ҷавонон ташкил медиҳанд.**

Истиқлолияти давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ноил шудан ба дастовардҳои муҳим дар тамоми соҳаҳои ҳаёти мо ҷавонон нақши босазо гузоштааст. Дар кишвари мо аксарият аҳолии мамлакатро ҷавонон ташкил медиҳанд, ки онҳо давомдиҳандаи кору фаъолияти насли калонсоли мамлакат, неруи созанда ваояндаи миллат ба шумор мераванд. Кишвари мо баъди пош хӯрдани собиқ давлати шӯравӣ мустақилиятро соҳиб гашт. Аммо на ҳама қишрҳои ҷомеа ба қадри он расидан ва муҳимияти онро эҳсос карданд. Мутаассифона, баъди эълони истиқлолият бо ҷанги хунумонсӯз оғоз гардида ба миллати ранҷкашидаи мо миллиардҳо сомонӣ зарари молиявӣ расонида, ҷони 150 ҳазор нафар рабуда шуд ва як миллион нафар гуреза гардид.

Хушбахтона, пас аз талошу ҷонфидоиҳои фарзанди фарзонаи миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ин набардҳои мудҳиш ва фаромӯшнашавандаи таърихи кишвар бар бод рафтанд. Миллат сарҷам, кишвар обод, зиндании осуда дар хонадони ҳар яки мо таъмин гардид.

Дар ин марҳилаи кӯтоҳи таърихӣ як қатор дастовардҳои бузург насиби мо гардиданд:

**- дар бахши баромадан аз бумбасти комуникатсионӣ:** бунёди нақбҳои Анзоб, Шаҳристон, Шар-Шар, Чормағзак, Хатлон ва Дустӣ, инчунин сохтмонҳои қитъаҳои алоҳидаи роҳҳои мошингарди пойтахти мамлакатамон бо дигар самти кишвар аз ҷумла Душанбе-Хоруғ-Мурғоб, Душанбе-Рашт-Саритош, Душанбе-Хуҷанд-Чанок, ҳамчунин роҳҳои оҳани кишвар ба монанди Қурғонтеппа (Бохтар) – Кӯлоб ва ғайра.

**- дар бахши энергетика:** бунёди неругоҳҳои "Сангтӯда 1", "Сангтӯда 2", НОБ-и Роғун ва ғайра. Бинобар ин, имрӯзҳо мамлакати мо дар бахш қадамҳои устувор гузошта, дар байни бисёре аз кишварҳои ҷаҳон ва минтақа пешсафиро касб намудааст.

**- дар бахши ташаббусҳои бузург ва созанда:** Эълон гардидани "Соли байналмилалии оби тоза, соли 2003", "Даҳсолаи байналмилалии амалиёти "Об барои ҳаёт, солҳои 2005-2015" "Соли байналмилалии ҳамкори дар соҳаи об, соли 2013", ва даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028 " аз ташаббусҳои беназири Тоҷикистон барои ҳалли мушкилоти ҷомеаи байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, аз ҷониби Пешвои миллат соли 2017 "Соли ҷавонон", соли 2018 "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ", солҳои 2019-2021 "Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ", солҳои 2020-2040 "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзи дар соҳаи илму маориф" эълон гардиданд. Дар ин радиф, бо пешниҳоди Сарвари давлат, аз ҷониби Юнеско – Наврӯз ҷашни байналмилалӣ эълон гардид.

**- дар бахши ҳифзи асолати миллӣ:** Таҷлили 1100 – солагии давлати Сомониён, Бузургдошти 1150-солагии сардафтари адабиёти тоҷику форс маликушшуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, 2500-солагии шаҳри Истаравшан, 2700-солагии шаҳри бостонии Кӯлоб, 700-солагии Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, 5500-солагии Саразми бостон, 3000-солагии шаҳри Ҳисори



шодмон, соли тамаддуни ориёи, бузургдошти Пешвои мазҳаби ҳанафӣ Имом Аъзам Абуҳанифа. Бузургдошти яккатор шоирону нависандагони миллати бонуфузи тоҷик, аз ҷумла Абдурраҳмони Ҷомӣ, Нақибхон Туғрал, Садриддин Айни, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода ва дигар бузургони миллат бо як шукӯҳу шаҳомати хосса ҷашн гирифта шудаанд.

Мо имрӯз истиқлолро дар чеҳраи ҷавонони ин миллат, дар лабханди кӯдакони шоду хурам мебинем. Миллате, ки истиқлол дорад ва барои сарнавишташ худ тасмим мегирад, миллати хушбахт аст.



# ИСТИҚЛОЛИ ВАТАН – ПОЙДОРИВУ БАРДАВОМИИ КИШВАР

**Мафҳумҳои истиқлол, истиқлолият, соҳибистиқлолӣ, озодиву мустақилият ва соҳибихтиёрии давлат барои миллат мафҳумҳои тавъаманд. Тоҷикон ҳамчун мардуми тамаддунсолор, миллати озодпарасту озодихоҳ ва халқи машҳур андар ақсои ҷаҳон бо гузашти беш аз ҳазор сол баъди сукути Иттиҳоди Шӯравӣ, яъне 9 сентябри соли 1991 аз нав ба эҳё ва эъмори давлати миллии хеш ноил гардиданд. Соҳиб шудан ба истиқлоли давлатӣ дар оғози садаи XXI кори саҳлу осон набуд. Бо қабули санади муҳими таърихӣ – Эъломияи истиқлолияти Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990 Тоҷикистон ҳамчун давлати нави мустақил дар харитаи сиёсии ҷаҳон мавқеъ пайдо намуд ва санаи 9 сентябри соли 1991 истиқлолияти комилро соҳиб гардид.**



Шоҳрух ЗАБИРОВ
донишҷӯи соли 4

Истиқлоли давлатӣ муқаддастарин ва азизтарин неъмат, рамзи саодат ва асолати миллат, шарафу номуси ватандорӣ ва нишонаи пойдориву бақои давлат мебошад.

Бо соҳиб гаштан ба мустақилияти комили давлатӣ Тоҷикистон роҳи ислоҳотро пеш гирифта, дар инкишофи соҳаҳои мухталифи ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию ҳуқуқӣ ба дастовардҳои ноёб ноил гардид. Дар заминаи татбиқи барномаву стратегияҳои давлатӣ ва лоиҳаҳои бузурги сармоягузории дохиливу хориҷӣ дар ҳудуди мамлакат иншоотҳои бузурги энергетикӣ, шоҳроҳҳои васеи нақлиётӣ, иморатҳои муҳташами фарҳангиву маишӣ, корхонаҳои азими истеҳсолии саноатӣ ва ҳоказо бунёду азнавсозӣ гардиданд.

Мо ҷавонон чун меваҳои шаҳдбори даврони истиқлоли Ватан шукргузорем, ки дар осмони софу кушоде, ки кабутари сулҳу салоҳ дар парвоз аст, умр ба сар мебарем. Давлати соҳибистиқлоли мо зери роҳбарии Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ҷавонон тамоми шароитҳои дараҷаи олиро фароҳам овардааст, то ки ҷавонон зиракии сиёсиро аз даст надода, озодона таҳсил намуда, чун мутахассисони баркамоли муҷаҳҳаз бо донишҳои замонавӣ ба воя расида, дар пешрафт ва рушди минбаъдаи сарзамини аҷдодии худ саҳмгузор бошанд. Ватани мо худ ҷавон буда, аксарияти аҳолии онро ҷавонон ташкил медиҳад ва месазад онро давлати ҷавонон ном бурд.

30 соли Истиқлоли давлатӣ, 30 соли бурдбориҳои бемислу монанд, пешравиҳо ва шукуфоиву ободкориҳо ва 30 соли қаҳрамониҳо ва татбиқи ташаббусҳои созандаро бар ҳар фарди тоҷику тоҷикистонӣ таҳният мегӯем.

**Мо ба он рӯз расидем, ки Истиқлол аст,**
**Мо ҳамон манзара дидем, ки Истиқлол аст.**
**Дар нафас ғулғула кардем фараҳмандиро,**
**Чун дили хеш тапидем, ки Истиқлол аст.**

**ДАСТОВАРДИ ИСТИҚЛОЛ: Қабули Конститутсияи ҶТ ва ташаккули қонунгузории миллӣ**

# INDEPENDENCE IS A PRECIOUS GIFT



**Sunatullo AZIMOV**
**assistant of the Department of human rights and comparative law**

The Independence Day of the Republic of Tajikistan, is the National Day of Tajikistan and marks independence from the Soviet Union on September 9th 1991. The Independence Day represents freedom and sovereignty. Today we can rightfully be proud of the achievements that Tajikistan was able to achieve in its 30 years of independence.

In August 24, 1990 in the second session of the Supreme Soviet of the Tajik SSR adopted the Declaration «On the Sovereignty of the Tajik SSR.»

But this sovereignty was declared while the Soviet Union still existed. Despite this, the declaration was only the first document on the path to the real Independence of Tajikistan. In August 1991, the national republics began the process of proclaiming national independence. On September 9th, 1991 at the session of Supreme Soviet a Resolution and Declaration «On State Independence of the Republic of Tajikistan» was adopted.

Tajikistan gained independence formally on September 9th, 1991 in connection with the dissolution of the Soviet Union.

It should be noted that State Independence has the highest value for every nation and is the main basis for the existence of the state and the guarantor of the development of national statehood. The realization of national aspirations, the making of vital political decisions and, ultimately, taking control of the future of the state and the nation depend on strengthening political and state independence and improving its foundations. We are proud that this year marks the 30th anniversary of state independence of the Republic of Tajikistan. Over the past 30 years the people of Tajikistan have overcome many difficulties, withstood a difficult historical test and finally managed to revive national statehood. Because the Tajik people have long struggled for independence, state and political independence. The establishment of the Samanid state, the creation of the Tajik Soviet Socialist Republic within the Soviet Union and finally the declaration of independence of the Republic of Tajikistan on September 9, 1991 represented the centuries-long struggle of the Tajik people.

Fortunately, for 30 years the people of Tajikistan have lived in an atmosphere of independence, in the light of creativity and in the process of establishing and developing national statehood. In particular, the peace, stability and national unity that we have today are the result of the independence and new statehood of the people of the country. But we should not forget that the acquisition, protection and strengthening of the foundations of state independence of the Republic of Tajikistan was achieved with a lot of difficulties.

One of the greatest and unique achievements of the first years of state sovereignty is the adoption of the Constitution. It should be noted that the Constitution of the Republic of Tajikistan was developed and adopted taking into account the highest values of international law, advanced experience of civilized countries, comparative legal analysis of the legal system of developed countries, statehood and national Tajik traditions and customs.

We can conclude that the role and outstanding services of the Founder of Peace and National Unity - the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan, His Excellency Emomali Rahmon in the formation of the newest statehood, revival of the national state, ensuring peace and unity, improving the Tajikistan's reputation in the international arena is indisputable.

The idea of peace and national harmony, put forward by the President, has found broad support from all nations and nationalities living in our republic. All these achievements resonate in the soul of every worthy citizen of the Republic of Tajikistan and contribute to the fight against global threats.

Today is the day, that our nation sings aloud, this is the day, that our liberty bells rings aloud, this is the day we shall start to remember what we truly stands for and celebrate our independence. Happy Independence Day.

# NATIONAL LAW SERVES NATIONAL INTERESTS

Tajikistan, as a country with an open economy, has internal and external challenges that may affect the achievement in the sphere of legislation and economy. The country can always benefit from the challenge, if preventive adaptation measures are taken. Otherwise, challenges become a threat.

After gaining state independence, one of the most important issues was the legal regulation of social life. Therefore, in the first years of independence, legislation and the adoption of individual laws were more focused on issues of peace, stability and national unity (for example, the laws of the Republic of Tajikistan «On Refugees», «On Amnesty», etc.). This situation had a certain historical background and reasons, one of which was the unrest in the country. Currently, laws are more focused on providing economic, social, investment, cultural and other space.

During the period of independence, the term "National law" appeared, expressing the traditions and character of the Tajik people. In particular, during this period, the laws of the Republic of Tajikistan « on the ordering of traditions, celebrations and rites in the Republic of Tajikistan», «On the responsibility of parents for the education and upbringing of children», the Constitutional Law of the Republic of Tajikistan «On the Founder of Peace and National Unity - the Leader of the Nation» were in force. Today, the legislative experience of the Tajik people in this area is used by other countries of the world.

**The Law "On the ordering of traditions, celebrations and rites in the Republic of Tajikistan" streamlines traditions, celebrations and ceremonies, taking into account the needs of the development of society and is aimed at protecting the true values of national culture and respect for folk customs to improve the social and economic standard of living of citizens of the Republic of Tajikistan.**

The purpose of the law "On the responsibility of parents for the teaching and upbringing of children" is to strengthen the responsibility of parents for the education and upbringing of children in the spirit of humanism, patriotism, respect for national, universal and cultural values, as well as the protection of the rights and interests of children. This Law regulates the responsibility of parents and persons replacing them for the education and upbringing of children.

**The norms of the mentioned law applies to citizens of the Republic of Tajikistan, regardless of their place of residence, foreign citizens and stateless persons living in the Republic of Tajikistan, and legal entities of the Republic of Tajikistan, regardless of their location, unless international legal acts recognized by Tajikistan have been established different order.**



**Shohkarim SHABONOV**
**assistant of the Department entrepreneurship and commerce**

This constitutional Law "About the Founder of the Peace and National Unity - the Leader of the Nation" establishes political and legal status of the Founder of the peace and national unity - the Leader of the nation as founder of the sovereign state of Tajikistan, world and national unity, for the purpose of strengthening of bases of the constitutional system of the Republic of Tajikistan, the state independence, territorial integrity and unity of the Homeland, stability and durability of the state of Tajikistan, strengthening of democracy, ensuring economic, social and cultural progress, protection of historical values of national statehood, creation of worthy living conditions and free development for each person.

# БИНГАР БА ВАТАН, КИ ИСТИҚЛОЛ ОМАДААСТ...

Истиқлолият мафҳуми бузургу пуробуранг буда, ифодакунандаи амният, осоиштагӣ, озодӣ ва нишонаи ободию зиндагии ороми давлату миллат аст. Танҳо бо роҳи якдигарфаҳмӣ истиқлоли кишварро муҳофизату пойдор ва ягонагии мардумро устувор карда метавонем. Дар тифоқӣ душвориҳо паси сар мешаванд, рӯзгори мардум рӯ ба беҳбудӣ меорад, кишвари азизамон ба шоҳроҳи пешрафту тараққиёт меравад.



Парокандагӣ, ба маҳаллу гурӯҳҳо ҷудо шудан ва паси сангар муқобил қасди ҷони якдигар қарор гирифтан, ки ҳамакнун истиқлолият насибашон гашта буд, воқеан даҳшат ва хатари азиме барои ин миллати ботамаддун ба шумор мерафт. Тақдир ва сарнавишти миллати тоҷик дар аввали солҳои 90-уми асри гузашта чун ашки сари миҷгон дар вазъи ҳассос қарор дошт. Ҳама он нобасомониву ҳамдигарбадбиниҳо ва ҳама куштору ваҳшонияти он солҳо, доғе дар қалби ҳар пиру ҷавон гузошт ва ба ҳар хонадоне асари ғаму андӯҳ ниҳод.

Ҳазорон нафар ҳамватанони мо аз хонаву дар, аз наздикону пайвандони худ маҳрум гаштанд ва қисмате аз қурбони ин фоҷиа гардиданд. Новобаста ба ин, халқи тоҷик ба субҳи умед эътимод дошт.

Чун шуои офтобе, ки баъди чанд рӯзи боронҳои пайдарпай синаи абрҳоро шикофта берун мешавад, моҳи ноябри соли 1992 роҳбарии давлати тоҷикон ба уҳдаи шахсе вогузор гардид, ки нахустин суханаш «Ман кори худро аз сулҳ оғоз мекунам!» буд.

Дарвоқеъ, ин шахсияти ватандӯст тавонистанд орзуву омоли деринтизори тоҷиконро ҷомаи амал пӯшонанд. Маҳз таҳти сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлатамон низоми давлатдорӣ ба танзим даромад, ки ин мардуми тоҷикро ба ояндаи дурахшон бовар кунонид. Воқеан, донаи умед бо тароват у файзи борони оштии миллӣ дар дили ҳар як сокини кишвар сабзид.

Самараи неки истиқлол аст, ки имрӯз кишвари азизамон дар дунё чун давлати сулҳхоҳу сулҳпарвар шинохта шуда, таҷрибаи сулҳи тоҷикон манбаи омӯзиши сулҳхоҳони ҷаҳон гашт, ки боиси ифтихори ҳар як фарди тоҷик аст.

**Ид омаду ид омад, эй**
**мардуми некиқбол,**
**Бин, рӯзи саид омад**
**аз мақдами Истиқлол.**
**Роҳбар ба бари мардум,**
**мо фахр ба он дорем,**
**Меҳан тарабафшон**
**шуд, хурсандии беамсол.**

**Насиба ҲАФИЗЗОДА**
**донишҷӯи соли 2**

**ДАСТОВАРДИ ИСТИҚЛОЛ: Ба имзо расонидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар таърихи 27 июни соли 1997**

# ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА ТАҲКИМИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ



**Ардашер МУРОДЗОДА**
**судяи суди ноҳияи Шоҳмансури ш. Душанбе, номзади илмҳои ҳуқуқ**

Дар таърихи навини тоҷикон волотарин дастовард ин соҳиб шудан ба Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон аст ва он ҳамчун ҷашни бузурги умумимиллӣ ҳар сол дар фазои бошукӯҳи идона таҷлил карда мешавад.

Доир ба ин рӯйдоди муҳим Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд намудаанд: "Истиқлолият муқаддастарину азизтарин неъмат, рамзи саодат ва асолати миллат, шарафу номуси ватандорӣ ва нишонаи пойдориву бақои давлат мебошад".

Баъд аз ба даст овардани истиқлолият, таҳкими муносибатҳои ҷамъиятӣ зарурати гузаронидани ислоҳоти сиёсию ҳуқуқиро ба миён гузошт. Дар ин ҷода аввалин санади ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибихтиёр ин Эъломия «Дар бораи истиқлолияти давлатии Тоҷикистон» ва Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 сентябри соли 1991 «Дар бораи эълон намудани истиқлолияти давлатии Тоҷикистон» мебошад, ки вазъи муносибатҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию ҳуқуқии кишварро куллан тағйир дода, ба рушди минбаъдаи он заминаи воқеӣ фароҳам овард.

Тарики раъйпурсии умумихалқӣ қабул намудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, пояи мустаҳками ҳуқуқии давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаи Тоҷикистон буда, ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро арзиши олӣ эътироф намуд. Дар таърихи давлатдории тоҷикон дар сатҳи қонуни асосии мамлакат таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба қонунгузор, иҷроия ва судӣ эълон гардид ва мустақилияти ҳокимияти судӣ ҳамчун як шохаи давлатдории демократӣ эътироф карда шуд.



Дар сатҳи Конститутсия муқаррар карда шуд, ки ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин карда мешавад ва вазифаи суд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҳкими ҳамаҷонибаи қонуният ва таъмин намудани адолати иҷтимоӣ иборат мебошад.

Маврид ба зикр аст, ки ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, қонуният ва адолати иҷтимоӣ нақши асосӣ дорад, дар ҳамин радиф ҳамчун рукни муҳим ва зарурии сохтори ҳокимияти давлатӣ ба шумор меравад.

Адолати судӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд мавқеи хосса дошта, яъне хусусияти хоси он, аз қабили мустақилияту беғаразии судяҳо ва танҳо ба Конститутсия ва қонун итоат намудани онҳо, принсипҳои демократии мурофиаи судӣ, аз ҷумла баробарии ҳама дар назди қонун ва суд, дар асоси мубоҳиса сурат гирифтани мурофиаи судӣ, баробарҳуқуқии иштирокчиёни мурофиа кафили воқеии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, дар маҷмӯъ, нишонаи муҳимтарини ҷомеаи адолатпарвар, демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявию иҷтимоӣ мебошад.

Бояд қайд кард, ки маҳз бо дастгирии бевоситаи Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мамлакат чор Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ (2007, 2011, 2015, 2019) қабул гардид. Давра ба давра ин барномаҳо амалӣ карда шуда истодаанд.

Дар ин замина, дар Суди Олӣ, судҳои вилоятҳо ва суди шаҳри Душанбе коллегияҳои судӣ оид ба парвандаҳои оилавӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ташкил карда шуданд.

Мақсади асосии барномаҳо ин таҳкими фаъолияти ҳокимияти судӣ, баланд бардоштани мақоми суд дар ҷомеа, такмили сохтори он, таъминоти моддию техникии судҳо, ҷобаҷогузории дурусти кадрҳои соҳа ва баланд бардоштани сатҳи тахассусии судяҳо мебошад.

Тибқи барномаҳои қабулгардида дар кишвар як қатор қонунҳои муҳим, аз ҷумла қонунҳои конститутсионӣ «Дар бораи Суди конститутсионии ҶТ», «Дар бораи судҳои ҶТ», кодексҳои мурофиавии ҷиноятӣ, гражданӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, қонунҳо «Дар бораи истеҳсолоти иҷро», «Дар бораи судҳои ҳакамӣ», «Дар бораи таъмини дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» аз нав таҳия ва қабул карда шуданд, ки барои такмили сохтори судӣ, фаъолияти судяҳо ва дар маҷмӯъ, барои таҳкими ҳокимияти судӣ дигаргуниҳои куллиро ба вуҷуд оварданд.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки бо бунёди давлати навини соҳибистиқлол, дар асоси принсипҳои давлати демократӣ ҳокимият ба шохаҳо ҷудо гардид. Яке аз ин шохаҳо мустақили ҳокимияти давлатӣ – мақомоти судӣ ба ҳисоб меравад, ки дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини адолат дар ҷомеа нақши беандозаро соҳиб аст.

# ИСТИҚЛОЛИЯТ – ДАСТОВАРДИ САРНАВИШТСОЗ



**Баҳтиёр АБДУҒАНИЗОДА**
**унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ**

Нақши худшиносӣ ва ифтихори миллиро дар таърихи тамаддуни башарӣ ҳамчун пойдевори бақои миллат муайян намуда, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид менамояд: "Миллате, ки тафаккури миллӣ, таъриху адабиёт, забон, расму оин ва арзишҳои фарҳангиашро аз даст медиҳад, истиқлолияти худро пуштибонӣ карда наметавонад. Миллате, ки хотираи таърихиашро пос намедорад, хоҳ ноҳоҳ тафаккури ғуломона гашта, истиқлолияти миллиашро аз даст медиҳад. Ҳифз накардани таърихи миллат ба инкори гузашта бурда мерасонад".

Истиқлол рамзи соҳибдавлатӣ ва ватандории миллати тоҷик аст, ки номаи тақдирашро бо дасти хеш навишта, роҳу равиши хосса ва мақому мавқеи муносибро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ пайдо кард ва набзи давлату миллати моро ба набзи сайёра ҳамсадо гардонд.

Яке аз арзишҳои муҳимтарини сиёсиву иҷтимоии башарият ин истиқлолият мебошад, ки он ҳамрзиш бо озодист. Мардуми тоҷик табиатан истиқлолиятхоҳу озодидӯст аст. Таърих гувоҳ аст, ки барои ҳимояи марзу буми хеш, яъне барои ҳимояи истиқлолияти худ тоҷикон ҷӣ гуна ҷоннисориҳо намудаанд.

9-уми сентябри соли 1991 дар Иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии ҶТ изҳорот дар бораи Истиқлолияти давлатии ҶТ ва Қарори Шӯрои Олӣ дар бораи эълон намудани Истиқлолияти давлатии ҶТ қабул гардид. Ҳамин тавр, пас аз садсолаҳо тоҷикон ба орзуи деринаи худ расиданду соҳибдавлату соҳибистиқлол гардиданд. Мутаассифона, дар натиҷаи низоъҳои дохилӣ ва таъсири нерӯҳои берунаи бадхоҳи миллати тоҷик муддате чанд Истиқлолияти тозападиди мо зери хатар монд. Хушбахтона, гурӯҳҳои солимфикру ватанпараст ба пирӯзӣ расида, ваҳдату якдигарфаҳмӣ тантана кард, Истиқлолияти давлатӣ ҳифз гардиду устувор монд. Дар ин раванди сарнавиштсозу бунёдкор нақши меҳвариро сарвари маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дошт.

Истиқлолият чеҳраи фарҳангии миллатро равшантар намуда, ҷилои тоза бахшид. Аз соҳибистиқлолии Тоҷикистон 30 сол сипарӣ мешавад. Дар ин муддат, давлати куҳанбунёди мо миёни кишварҳои дунё мавқеи худро пайдо кард ва ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардид, ки ин ҳама далели равшани сиёсати дурусти пешгирифтаи роҳбари давлат аст.

Имрӯз ҳар як шаҳрванди кишвар аз он ифтихор мекунад, ки соҳиби Ватани озоду обод ва давлати мустақил мебошад. Халқи муаззами мо мекӯшанд то ватанашон ободу зебо бошад. Ин худ рамзи




бофарҳангии мардуми тоҷик аст. Комёбиҳое, ки мардуми тоҷик бо вуҷуди ҳама мушкилоти дар ин муддат ҷойдошта ба онҳо муваффақ гардид, ба ҳама маълум аст ва ин ҳамаро нодида гирифтан бешак камоли беинсофист. Аз ҳама муҳим дар кишвари азизамон имрӯз сулҳу салоҳ, оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдату ягонагии миллӣ ҳукмфармост. Дар шароити кунунӣ мо бояд манфиати миллию ватанхоҳонаи худро боло дониста, барои шукуфоии кишвари азизамон амал намоем.

Ҷумҳурии Тоҷикистон чун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ табиист, ки аз равандҳои ҷаҳонишавӣ берун буда наметавонад. Муносибатҳои мо ба кишварҳо ва минтақаҳои гуногуни олам тарафт вусъат ёфта, мо ҳарчи бештар вориди муносибатҳои сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангиву гуманитарии байналмилалӣ мегардем. Дар чунин шароит амиқ дарк кардани мақсад ва ҳадафҳои худ, таҳкими дастовардҳои таърихӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллии Ватани азизамон дар арсаи байналмилалӣ амри зарурист. Барои амалӣ гардидани ин ҳадафҳо муносибатҳои баробарҳуқуқ ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо кишварҳои минтақа ва мамолики пешрафтаи олам аҳамияти махсус доранд. Дар робита ба ин бояд гуфт, ки дар натиҷаи пешбурди сиёсати «дарҳои кушод» чунин муносиботу ҳамкориҳо рӯз аз рӯз таҳкиму густариш меёбанд.

30 соли мустақилият, субот ва пешрафт муборак бошад!



# САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАШАККУЛ ВА РУШДИ СИЁСАТИ ХОРИҶӢ

Дар давраи нисбатан кӯтоҳи рушди сиёсати дохилӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби бисёр давлатҳои ҷаҳон эътироф гардида, давраи барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ бо кишварҳои хориҷӣ фаро расид. Аммо вазъияти сиёсии дохилӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ ба нуфузи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ халал ворид намуда, раванди рушди он дар роҳи бунёди давлати соҳибихтиёру мустақил қатъ гардид. Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии ҶТ, ки 16 ноябри соли 1992 баргузор гардид, имкон дод, ки пеши роҳи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гирифта шавад. Бо итминон метавон гуфт, ки ин Иҷлосияи тақдирсоз оғози ташаккули дипломатия ва ташкили сиёсати хориҷии давлати соҳибихтиёри тоҷикон гардид.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун поягузори сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари барқарор намудани муносибатҳои шарикии стратегӣ бо давлатҳои аъзои ИДМ, диққати ҷиддиро ба густариши ҳамкориҳо бо дигар давлатҳои ҷаҳон равона намуда, дар оғози роҳбарии худ эълон дошт, ки дарҳои Тоҷикистон барои давлатҳое, ки нияти мустаҳкам намудани ҳамкориҳои самарабахш ва дӯстонаро доранд, боз аст. Муқаррароти асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Эмомалӣ Раҳмон бори аввал дар Иҷлосияи XVIII Шӯрои Олии ҶТ санаи 28 декабри соли 1993 пешниҳод намуда буд.

Яке аз дастовардҳои бузурги Пешвои миллат дар баробари барқарорсозии сулҳу ваҳдат ин таҳкими равобити байналмилалӣ ва ҳамкориҳои дӯстона ва ҳусни ҳамҷаворӣ бо давлатҳои Осиёи Марказӣ, ИДМ, Осиёи Ҷанубӣ, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Шарқи Наздик, Амрико, Аврупо ва Африко мебошад. Имрӯз давлати мо бо зиёда аз 180 давлати ҷаҳон муносибатҳои дӯстонаи дипломатӣ дорад, чунки самти асосии сиёсати давлатии Тоҷикистон дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ сиёсати "дарҳои боз" мебошад, ки он ҳамасола тахти роҳбарии хирадмандонаи Эмомалӣ Раҳмон рушду такомул меёбад.

Сиёсати хориҷии ҶТ, ки аз ҷониби Эмомалӣ Раҳмон пеш бурда мешавад ва муддати тӯлонӣ дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ амалӣ мегардид, бо як қатор хусусиятҳои худ фарқ дорад. Хусусияти хосси сиёсати хориҷие, ки Эмомалӣ Раҳмон пеш мебарад, баробарӣ ва тавозуни он мебошад, ки ба мавқеи геополитикӣ ва ҷуғрофии минтақа вобаста аст. Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби ҳалқи тоҷик, парлумони кишвар ва тамоми ҳалқи мутамаддини дунё дастгирӣ меёбад, дар солҳои соҳибистиқлолӣ тахти роҳбарии Пешвои миллат, таҷрибаи бойро дар татбиқи сиёсати сулҳҷӯёна касб намуд.

Дар арафаи таҷлили 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон туҳфаи бузурге барои мардуми кишвар он буд, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба гирифтани нахустин мукофоти олӣ - "Нишони фахрии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ" мушарраф гардид. Президенти Туркманистон Гурбонгулӣ Бурдимуҳаммедов дар шаҳри Туркманбошӣ бо иштироки сарони давлатҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон дар воҳӯрии машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ дар вазъияти тантанавӣ мукофоти олиро ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои хизматҳои шоиста дар рушди муносибатҳои дӯстӣ, ҳамсоягии нек, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории давлатҳои Осиёи Марказӣ, таҳкими сулҳу амнияти дар минтақа, пешбурди манфиатҳо ва ташаббусҳои муштаракаи кишварҳои минтақа тақдим намуданд.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки бо шарофати сиёсати сулҳҷӯёнаи хориҷии Пешвои миллат ҶТ дар муддати 30 соли соҳибистиқлолӣ сазовори эҳтиром ва нуфуз аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ гардид.



Умед МУРОДЗОДА
ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ

# ЗАНОН – ПЕШОҲАНГИ ҲАЁТИ СИЁСӢ ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ



Наргис ХОҶАЕВА
муаллими калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ

Имрӯзҳо бонувони кишварамон баробари мардон номуси ватандориро ба дӯши худ гирифта, дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа ва давлат ғайратмандона фаъолият доранд ва бо ташаббусҳои созандаи худ Тоҷикистони маҳбубамонро боз ҳам ободу зебо гардонида истодаанд. Истиқлолияти давлатӣ чиҳати таъмини мавқеи устувори зан-модар дар ҷомеа ҳамаи имкониятҳоро фароҳам овард ва занони қавиирода ва бочасорати моро ба арсаи васеи сиёсат ворид намуд.

Бо мақсади таъмини иштироки ҳарчи бештари занон дар ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва идоракунии давлат Ҳукумати ҶТ бо ташаббус ва дастгирии бевоситаи Пешвои муаззами миллат то ба имрӯз чандин санадҳои меъёриву ҳуқуқиро қабул намудааст, ки онҳо баҳри баланд бардоштани мақоми зан дар бунёди ҷомеаи демократӣ нақши муҳим мебозанд. Аз ҷумла, Қонунҳои ҶТ «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардони онҳо»; «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила»; Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа»; Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми доровардани қабули духтарон ба мактабҳои олии ҶТ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон»; «Дар бораи барномаи давлатии «Самтҳои асоси сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардону занон дар ҶТ барои солҳои 2001-2010»; «Дар бораи нақшаи миллии тадбирҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баланд бардоштани мақом ва нақши зан дар солҳои 1998-2005»; «Дар бораи таъсис ва ҷудо намудани грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии фаъолияти соҳибкории занон барои солҳои 2016-2020»; «Консепсияи рушди оила», «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши зан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» қабул гардиданд, ки татбиқи онҳо боиси беҳтар гардидани мақоми зан дар ҳаёти ҷомеа гардид.

Мо занону бонувони тоҷик аз он ифтихормандем, ки зимни аксарияти суҳбату вохӯриҳои хеш Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи боло бурдани мақоми зан дар ҷомеа, тарбияи кадрҳо аз ҳисоби занону духтарони болаёқат, инчунин дастгирии ташаббусҳои занону бонувон дар самтҳои мухталифи ҷомеа ва ғамхорӣ нисбат ба оила ҳадафи дигари давлати мо мебошанд, изҳори нигаронӣ карда, ҷиҳати фароҳам овардани шароити созгор ва арзандаи паҳлуҳои гуногуни кору фаъолияти занон таклифу пешниҳодҳои мушаххасу асосноки ба миён мегузоранд.

Ҳамзамон як бахши муҳимми Паёми Сарвари давлат ба Маҷлиси Олии кишварро масъалаи дастгирии занон ташкил медиҳад. Аз ҷумла, дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии ҶТ дар санаи 26 январи соли 2021 Президенти кишвар, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки занону духтарон дар ҷомеаи имрӯзаи мо нақши фаъол дошта, дар аксари соҳаҳо фаъолият менамоянд. Ҳамчунин зикр гардид, ки ҳоло шумораи занон дар низоми хизмати давлатӣ ба ҳолати аввали моҳи январи соли 2021 аз шумораи умумии қариб 19210 нафар хизматчиёни давлатӣ, 4485 нафар ё 23,4 фоизро занон ташкил медиҳанд. Дар соҳаи маорифи кишвар 73 фоиз ва тандурустиву ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ қариб 68 фоизро занону бонувон ташкил медиҳанд. Шумораи роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ аз ҳисоби занон 35600 нафар ва занони соҳибкор 77400 нафарро ташкил медиҳад. Ин аз пешоҳангии занон дар ҳама бахшҳои ҳаёти ҷомеаи озоду осудаи мамлакати тозаистиқлол гувоҳӣ медиҳад.

Мо занону бонувон ҷавобан ба ғамхориҳои рӯзафзун ва бемисли Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадорем, ки бо дарки баланди масъулияти шаҳрвандӣ ва қарзи инсонӣ тамоми нерую ғайрат ва кӯшишу заҳмати хешро барои ҳифз, нигаҳдошт ва таҳкими дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ, ваҳдати миллӣ, манфиатҳои миллӣ ва таъмини ояндаи дурахшони Ватани маҳбубамон равона намоем.

# ИСТИҚЛОЛУ ОЗОДӢ – ТАҶАЛЛИИ САЛОБАТ ВА ИСТОДАГИИ МИЛЛАТ

## (Сабт аст бар ҷаридаи олам давоми мо...)



**Азимҷон ҶУРАЕВ**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи граждании**

Истиқлолу озодӣ барои ҳар миллат неъмати бузург ва сарнавиштсоз маҳсуб меёбад. Ватани азизамон 30 сол муқаддам ба муҳимтарин ва арзишмандтарин дастовард – Истиқлоли давлатӣ дастёб гардид, ки ин барои миллати мо мояи ифтихор ва нангу номус буда, таҷассумгари соҳибихтиёриву соҳибдавлатӣ ва озодию озодманишии миллати наҷиби тоҷик мебошад.

Солҳои аввали Истиқлоли давлатӣ барои давлатдорӣ ва мардуми шарифи Тоҷикистон солҳои мушкилоти сахту сангин, пуртаҳлука, ҷой доштани мухолифатҳои шадиди сиёсӣ ва ниҳоятан фалаҷ гардидидани пояҳо ва рукнҳои давлатдорӣ буд, ки ин ҳақиқати таърихист.

Дар он айёми яъсу ноумедиҳо хатари аз харитаи сиёсии ҷаҳон нест шудани давлати ҷавони тоҷикон ва пароканда гардидани миллати тоҷик ба воқеияти рӯз табдил ёфта буд.

Хушбахтона Иҷлосияи 16-и Шӯрои Олии Тоҷикистон фарзанди фарзонаи миллат Эмомалӣ Раҳмонро ба арсаи сиёсат овард, ки ояндаи давлат ва масири миллати моро ба куллӣ тағйир дод.

Бо талошу хидматҳои хастанопазири Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар як фосилаи кӯтоҳи таърихӣ пояҳои давлатдории миллии тоҷикон мустаҳкам гардида, роҳ ба сӯи давлатдории навин, сулҳу субот, ваҳдату ягонагӣ ва дӯстиву бародарӣ боз шуд.

Гузашти замон сароҳатан собит сохт, ки интихоби муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бар маснади раиси Шӯрои Олӣ кори бисёр дуруст ва таърихӣ буд, зеро расидан ба як давлати муҳташами миллӣ, сарҷамъу муттаҳид гардидани халқи Тоҷикистон ва рӯнамоӣ гардидани кишвари маҳбубамон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун давлати соҳибистиқлол мадюни хидматҳои ин абармарди далеру қадрдони миллати тоҷик аст.

Ҳамзамон барои муаррифии давлату миллат ва ба камол расонидани Истиқлол Парчам ва Нишони давлатӣ қабул гардида, барои таҳким бахшидани Истиқлолу озодӣ нахустин Конститутсия бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид, ки инкишофу дурнамои Тоҷикистонро ҳамчун давлатӣ соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона муайян намуда Истиқлолияти кишварро расмиёти ҳуқуқӣ бахшид.

Маврид ба зикр аст, ки дар таърихи давлатдории тоҷикон нахустин маротиба таҷзияи ҳокимият ба се рукн, яъне ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ ҷудо гардид, ки баёнгари принсипҳои демократикунонии ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ мебошад. Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз медорад: “Мо таҷрибаи ҷаҳонии шаклҳои мухталифи давлату давлатдорӣ, низомҳои мавҷудаи сиёсию иқтисодӣ ва арзишҳои тамаддуни миллию умумибашариро омӯхтаю муқоиса намуда, бо дастгирӣ ва пуштибонии шаҳрвандони мамлакат роҳи ҷомеаи адолатпарвару озодандеши ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявиро пеш гирифтем”.

Дар замони соҳибистиқлолии кишвар яке аз музаффариятҳои нодири миллати тоҷик санаи 27-уми июни соли 1997 имзо гардидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон буд. Хиради азалии миллат, заҳмату хидматҳои фарзона фарзандони бонангу ори миллат, сиёсати сулҳҷӯёнаву хирадмандонаи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мабнӣ бар он шуд, ки дар Ватанамон сулҳу салоҳ, амният ва Ваҳдати миллӣ пойдор гардид. Таҷрибаи сулҳофарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон натанҳо аҳамияти миллӣ, балки аҳамияти бузурги ҷаҳониро касб намудааст.



Хушбахтона дар Ватани азизамон баъди Ваҳдати миллӣ амният таъмин гардида, марҳилаи нави рушди давлатдорӣ оғоз гардид. Дар натиҷа мақом ва нақши мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар кишвар мустаҳкам гардида, низоми қонунгузорӣ вобаста ба давлатдории миллӣ ташаккул ёфт. Ташаббусҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар такмилу инкишофи қонунгузорӣ, идоракунии соҳаҳои мухталифи ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимояи дастовардҳои Истиқлоли давлатӣ ва иҷобат гардидани адолат ва дар умум адолати иҷтимоӣ бағоят бузург аст.

Ҳамчунин бо ташаббусу фаъолияти Сарвари давлат ва Ҳукумати кишвар силсила мушкилоту монеаҳои мавҷудаи ҷомеаи кишвар бартараф гардида, ба корҳои азими бунёдкориву созандагӣ, ислоҳоти амиқи иҷтимоию иқтисодӣ поя гузошта, таъмини истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бумбасти комуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон ва таъмин намудани амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии иқтисодиёти кишвар ҳамчун ҳадафҳои асосии стратегӣ муайян карда шуданд.

Ҳамакнун Ватани маҳбуби мо бо сарварии Пешвои миллат масириояндаи дурахшонро тай намуда, зина ба зина ба ҳадафҳои стратегӣ расида истодааст.

Вазъяти ниҳоят мураккабу ҳассоси ҷаҳони имрӯза, ноороми кишварҳои ҳамсоя ва равнақ ёфтани фаъолияти гурӯҳҳои террористиву экстримистӣ моро бори дигар водор месозад, ки зиракии сиёсиро аз даст надода, мувозиби сармояҳои миллӣ, ваҳдату амнияти кишвар, тамомияти арзӣ ва соҳибихтиёрии давлату миллатамон бошем.

Дар тули солҳои соҳибистиқлолии кишвар арзишмандтарин дастоварде, ки миллати тоҷик ба он ноил гардид ҳифзи Истиқлолу озодӣ ва бартараф намудани хатари пароканда шудани миллат мебошад.

Имрӯз зарур аст, ки хурду бузурги кишвар талош намоянд, ки Ватанамон ҳамеша мустақил, озод, бархурдор аз сарвату амният, баҳраманд аз маънавияту ахлоқ, пешрав дар мусобиқаи ҷомеаи азими башарӣ дар илму бақияи дагар дастовардҳо бошад.

Фархундаву ҳумоюн бод 30-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон!

# САНОИ ИСТИҚЛОЛ

Ҳумоюн бод, истиқлоли тоҷик,
Дили аз фахр молмоли тоҷик.
Паёми сабз орад кафтари ишқ,
Ба гӯши миллати хушфоли тоҷик.
Ҷаҳони тоҷикон ранг дар ранг,
Ҳуҷаста мешавад иқболи тоҷик.
Тулӯи тозааш омад дубора,
Зи баъди Оли Сомон, Оли тоҷик.
Раҳи фардои миллат гашт пурнур,
Зи файзи хандаи атфоли тоҷик.

Ватандоро! Ватанро дӯст медор,
Ватандорӣ бувад омоли тоҷик.
Ба Ҷоми Ҷам биёвар бодаи меҳр
Ки дар ваҳдат бувад иқболи тоҷик.
Куҳансолу куҳанаҷдоди даҳрем,
Набошад миллате амсоли тоҷик.
Ҷаҳон донад, ки аз рӯзи азал буд,
Самарқанду Бухоро моли тоҷик,
Ба сар бояд давидан, эй азизон,
Ба побусии Истиқлоли тоҷик.

*ШАҲРИЯ*

